# Омӯзиши Библия
# рӯ ба рӯ

Сарсухан

Усули додани Башорат дар бораи Исои Масеҳ аз ҷониби одами масеҳӣ ба одами дигар дар яккагӣ дар байни аъзоёни калисои аввалин васеъ истифода бурда мешуд. (Қӯлассиён 1:28)

Вале чандест, ки ин усули воизӣ дар калисоҳои анъанавӣ кам ба чашм мерасанд. ҳол он ки Худованд ба мо – одамони дар қарни 20 зиндагӣ кардаистода аз сари нав ба усулҳои тарбиявии фаромӯшшудаи шогирдон, ки дар ҷамъиятҳои гуногуни миссионерон тавлид ёфтаанд, ишора менамояд. Усули тайёр намудани шогирдон дар яккагӣ ин ҷунбишест ва ё даъватест ба калисоҳои ҳозиразамон, ки дар марҳилаи ҳозира танҳо бо якҷоя шунидани ваъз қаноатбахш мегарданд.

Бо вуҷуди он ки ба ҷамъиятҳои гуногуни миссионерӣ ин ангезаи пурқимати фаъолият дода шуда бошад ҳам, онҳо ин усулро дар дохили калисо бо тарзи кифоягӣ истифода бурда натавонистаанд. Вале ин усули тарбия ба ҳар як калисое, ки Библияро кӯшиши пайгирӣ менамояд, зарур аст.

Ин материали таълимӣ вазъи ҳозираи калисоҳои кореягиро ба назар гирифта, омода гаштааст. Асосан ин барнома дар рафти омӯзиш дар ҷамъиятҳои миссионерии «**Киштирон», «С.С.С.»** ва дигарон истифода ёфтаанд. Ба он ислоҳҳо ворид гаштаанд. Ин китоб, «**Омӯзиши Библия якка ба якка»** дар марказӣ библиявии «**Туранно**» нашр ёфта бо қисмҳои нав; «**Оё шумо бо ӯ вохӯрдед»** ва «**Назария ва таҷриба ОТ (Кю-ти)»** пурра гардонида шудааст.

Мо усули тарбияи якка ба яккаро мушаххас тартиб додем то ин ки Шумо онро бевосита дар таҷриба истифода баред. Ба ин китоб ворид шудаанд: тафсири омодасозии шогирдон дар маркази библиявии «**Туранно»,** номгӯи (феҳрасти) адабиёт ва дастурҳо барои мураббиён.

Вале китоб худаш аз худаш шогирдонро тайёр карда наметавонад. Ба худи шогирдон зарур меояд, ки итоаткорона амрҳои Рӯҳулқудсро пайгирӣ намоянд (Қӯлассиён 1:29) ва ин китоб танҳо олоти хурдест, дар ин кор.

1997. 06. Нашриёти
«**Фирма Аура ва Ко**»

1

Вохӯрӣ: Исои Масеҳ

Вохӯрии якум Исои Масеҳ кист?

Вохӯрии дуюм Исои Масеҳ чӣ кор кард?

Вохӯрии сеюм Исои Масеҳ чӣ кор мекунад?

Вохӯрии чорум Биёед, ба Исои Масеҳ имон меоварем.

## Исои Масеҳ

Ӯ чандест, ки дар кӯчаҳою танкӯчаҳои биноҳои салибдор пайдо гаштааст. ҳоло дар ҳудуди кишвари мо кучҷое, ки наравед, биноҳои салибдорро дидан мумкин аст. Ин биноҳоро мардум калисо меноманд, ки рамзи дини масеҳист. Калисоҳо дар мамлакати мо қариб сад сол пеш пайдо шудаанд ва баъд дар гул-гул шукуфӣ ва рушди кишварамон саҳми зиёде гузоштаанд. Ва ҳоло ҳам ба ҷамъият таъсири хубе мерасонанд. Бисёр калисоҳо бо биноҳои калону моликияти пулии азимашон фахр мекунанд, вале мутаасифона мешавад, ки онҳо ба одамон таассуроти хубе гузошта наметавонанд. Бинобар ин ба ин гуна калисоҳо ҳамчун рамзи дини масеҳӣ одамони дилсардгашта нигариста, пушт ба масеҳият мегардонанд.

Дар чунин вазъият хоҳише пайдо мешавад, ки ба чунин калисоҳои одамонро аз масеҳият рӯймегардондагҝ тир сар додан лозим аст. Дар баробари ин барои одамони зиёде, ки ба зоҳири масеҳият нигариста, аз худи аввал ба он ҳеҷ гуна рағбате зоҳир нанамуда, ба он пушт гардонидаанд, таассуф мехӯрӣ. Ин таассуф барои одамонест, ки дар зарф таркишеро дида ба ганҷинаи дохили он нанигариста аз он рӯй гардонидаанд. Албатта, агар ганҷина ин чиз аст ва одам аз ӯ рӯй мегардонад, ин он қадар аламангез нест. Вале гап дар он ки ин ганҷина метавонад, ҳаёти одамро тағйир диҳад ва баъдтар қувваи азими ҳақиқиест, ки тамоми ҷамъиятро иваз карда метавонад.

Дар ин саҳифа мо бо ин ганҷина – Исои Масеҳ  шинос мегардем. Ин дари даромад ба ягон дин, шиносоӣ бо идеологи барҷаста нест, бинобар ин ба шумо зарурияти одами диндор ё файласуф будан нест. Вале каме ҳиссиёту умеду интизорӣ кофист. Акнун ба Исо, ки ин китоб шиносатон менамояд, вохӯред. Сипас ҳокимияти Худовандро, ки Ӯ ба Шумо медиҳад, дарк намоед. Ва пас аз пурра шиносоӣ тасаввуроти худро дар бораи Исои Масеҳ ва ҳокимияти Худовандӣ ба тартибу низом оред. Шояд ин кор маъбадест, на фақат барои тағйирот дар ҳаёти шахсии Шумо, балки барои ҷамъият низ.

## Вохӯрии аввалин

### Исои Масеҳ кист?

Бо одами нав шиносшуда мо бори аввал вохӯрда дар аввал ном, ҷои таваллуд, дар бораи кори Ӯ, таҳсили Ӯ донистa мегирем. Мунтазам бо Ӯ бештар сӯҳбат карда истода, назари Ӯ, хислати Ӯро донистa мегирӣ.

Бисёр чизҳои навро дар бораи Ӯ аз одамони наздикаш дониста мегирӣ. Шиносоӣ бо Исо низ чунин рух медиҳад. То ҳол Шумо Исои Масеҳро чӣ гуна одам тасаввур мекардед?

___

___

ҳар як одам ақидаи худро дар бораи Исои Масеҳ дошта метавонад. Барои Ӯро бештар донистан мо бояд Худи Ӯ ва ақидаи наздиконаш дар бораи Ӯро шунавем. Исо худро шинос намуда гуфт;

___

Ҳоло Библияро мекушоем, бо Исои Масеҳ шинос мешавем. Мо Исои Масеҳро чи гуна тасаввур мекунем? Одамони гуногун Ӯро чӣ тавр тасаввур менамуданд? Исои Масеҳ шаҳрванди куҷост?

1. Исо дар куҷо тавлид ёфт? Матто 2:1,23.

___

2. Бачагии Исо чӣ гуна буд? Луқо 2:52.

___

3. Мебинем, минбаъд дар Библия Исо чӣ гуна тасвир ёфтааст.

1). Матто 4:2 ___

2). Юҳанно 4:6 ___

3). Марқӯс 4:38 ___

4). Юҳанно 11:35 ___

Дар ин лаҳза Исоро чӣ гуна ҳис кардан мумкин аст?

___

___

___

4. Нома ба Ибриён 4:15 – ро хонед.

1). Исо бо чӣ ба мо монанд аст? ___

2). Исо бо чӣ аз мо фарқ мекунад? ___

(монанди ҳамдардӣ, хайрхоҳӣ мекунад)

5. Ин шаҳодатҳои ғайриоддиро асос карда, баъзеҳо Исоро авлиё, дигарон асосгузори дин ё паёмбар ҳисоб менамоянд. Дар ҳақиқат ақидаҳои имконпазир. Вале дар асл мо аз даҳони Ӯ дигар суханонро мешунавем. Дар Инҷили Юҳанно 10:30 Исо Худро чӣ хел тасвир намудааст?

___

6. Аз баъзе нуқтаи назар ин тарзи гуфтор бешармона ва худхоҳона мебошад. Чунин тарзи гуфторро дар дигар ҷойҳо низ дучор гаштан мумкин аст.

1). Дар Инҷили Юҳанно 5:23 Исо мегӯяд, ки Ӯро ҳамчун Худованд эътироф намоянд.

___

2). Дар Инҷили Юҳанно 14:9 Исо мегӯяд, ки касе Ӯро дид, вай Падарро ҳам дид.

7. Агарчанде гуфтаҳои Исо муҳиманд, вале шаҳодати одамони Ӯро иҳотакунанда дар арзиш аз суханони Ӯ камӣ надоранд. Исоро одамони дидагӣ ва дар паҳлӯяш будагӣ кӣ гуфта қабул кардаанд?

1). Матто 14:33 ___

2). Матто 27:54 ___

3). Юҳанно 20:28 ___

Ақидаҳои онҳоро ҷамъбаст намоед.

___

8. Боре Исо аз шогирдон пурсид «**Одамон маро ба ҷои кӣ қабул менамоянд?»** Шогирдон ба Ӯ якчанд ақидаҳоро пешниҳод намуданд. Сипас Исо ба онҳо савол дод: «**Ва Шумо ба ҷои кқ маро қабул менамоед»?** Агар ин савол ҳозир ба Шумо дода мешавад, Шумо чӣ ҷавоб медиҳед?

___

___

___

Вохӯрии дуюм

Исои Масеҳ чӣ кор кард?

Вақтҳои охир одамон худро шиносонида дар бораи тарҷумаи ҳоли худ ва фаъолияти гузаштаи ҷамъиятии худ гап мезананд. Чунки онҳо фикр мекунанд, ки ин амалҳои иҷрошуда мавҷудияти онҳоро инъикос менамоянд. Бинобар ин дар ҷамъияти мо барои шиносонидани шахсиятҳо анкетаҳои ҳатмӣ ҷорӣ шудаанд.
ҳоло шумо хира тасаввур менамоед, ки Исои Масеҳ кист? Вале дар бораи он ки одамро ба маънои аслиаш донед, бояд донед, ки Ӯ чӣ кор кард, ҳоло чӣ кор мекунад, хулласи гап тамоми нишондодҳои анкетаашро бояд донед. Айнан бо Исо низ чунин аст. То ҳол Шумо чӣ фикр доштед, Исо чӣ кор мекунад? ___

___

Исо варақаҳои тарҷумаҳолӣ ва ё ёддоштҳо боқӣ нагузоштааст. Бинобар ин барои донистани натиҷаи фаъолияти Ӯ мо ба навиштаҳои шогирдонаш рӯй меоварем. Албатта онҳо ҳам ҳамаи чизҳои кардаи Исоро нанавиштаанд (Юҳанно 21:25), вале ҳатман мундариҷаи зарурӣ

дар чор Инҷил маҳфуз мондааст. Акнун биёед ин қайдҳоро аз назар гузаронида истода мебинем, ки чӣ гуна корҳоро Исо ба ҷо овардааст. Инҷили Матто 11:2 – 6 – ро хонед. Вакте, ки Яҳё дар бораи Исо донистан хост «**Оё Ту ҳамонӣ, ки бояд меомад?»** Исо чӣ тавр Худро ба воситаи мӯъҷизаҳояш шинос намуд? ( ояти 5)

______________________________________________________________

______________________________________________________________

2. Шогирд Матто амалҳои Исои Масеҳро чӣ гуна тасвир намуд? (Матто 4:23)

______________________________________________________________

3. Дар байни чӣ гуна одамон Масеҳ ҳаёташро гузаронид? (Марқӯс 2:15)

______________________________________________________________

______________________________________________________________

4. Шумо ба ин тарзи ҳаёти Исои Масеҳ нигариста, чиро ҳис карда метавонед? Кадом тарафи ҳаёти Ӯ ба Шумо таассурот боқӣ мегузорад?

___________________________________________________

______________________________________________________________

_____________________________________________

5. Исо, ки ин қадар ҳаёти аҷоибу бузургро паси сар намуд, чӣ гуна маргро қабул намуд? (Марқӯс 15:15,25) ________________________

6. Марги Исо аз марги ононе, ки пештар барои ҷинояти сиёсӣ маҳкум мегаштанд, бисёр фарқи махсусе надошт. Вале на фақат худи Исо, балки шогирдонаш ҳам мегӯянд, ки марги Ӯ маънии бузургеро дорост. Ин маъниро ҷамъбаст намоед. ________________

_______________________________________________________

1) Марқӯс 10:45 ______________________________________________

2) Румиён 5:8 ________________________________________________

7. Библия мегӯяд, ки сабаби гирифтани ҷазою марг дар салиб, гуноҳ аст. Гуноҳ чист? Нависед, ки Шумо дар ин бора чӣ фикр доред?

______________________________________________________

8. Библия дар бораи пайдоиш ва натиҷаи гуноҳ чӣ мегӯяд? (Румиён 5:12; 3:23). ____________________________________________________

______________________________________________________

Агар пайдоиши гуноҳро донистан мехоҳед, боби сеюми ҳастиро хонед. Натиҷаи гуноҳро Шумо беҳтар фаҳмида метавонед, агар ба қалби худ нигаред, ба рафтори худу атрофиёнатон баҳо диҳеду ҳодисаҳои имрӯз дар ҷамъият рухдодаро таҳлил намоед.

9. Исо хун рехт ва дар салиб мурд. Бо ин мушкилиҳои гуноҳҳои одамонро ҳал намуд. (Эфсӯсиён 1:7) Чӣ фикр доред, гуноҳи Шумо ҳам он ҷо дохил мешавад? ________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

________________________________________

Хун дар салиб кадом накӯкорӣ меҳрубониро барои ин дунё содир намуд?

1) Эфсӯсиён 2:13-14 _______________________________________________

__________________________________________________________

2) Қӯлассиён 1:20

__________________________________________________________

Марги Исои Масеҳ на фақат имконияти ҳалли гуноҳи шахсӣ, балки мушкилии имрӯзаи ҷамъиятро низ нишон медиҳад. Фикр намоед, кадом мушкилии мушаххасро салиб ҳал карда метавонад?

Вохӯрии сеюм

Исои Масеҳ чӣ кор мекунад

Вақте ки шахсони наздики мо мемиранд ё аз назди мо мераванд, мо танҳо метавонем дар бораи онҳо ёдовар шавем. Ва чӣ хел одам, ки бузург набошад, пас аз марги худ бо вуҷуди дар хотири мо монданаш, вай наметавонад ба мо таъсири ҳақиқӣ расонад. То ҳол мо дар бораи ҳаёту марги Исои Масеҳ медонистем вале дар асли ҳол зоҳиршавии аҷоиби муҳаббат ин натиҷаи эҳёшавии олиҷаноби рӯҳ мебошад. Агар ҳаёти Исои Масеҳ дар марг дар салиб анҷом меёфт, Ӯ дар хотири мо ҳамчун яке аз одамони бузург боқӣ мемонд. Вале Библия мегӯяд, ки Исо пас аз марг аз сари нав зинда шуда ва ҳоло зинда буда, корҳо содир менамояд. Шумо дар ин бора чӣ фикр доред?

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

Одамоне ҳастанд, ки ҳаёту марги Исоро дониста Ӯро бениҳоят қадр менамоянд. Вале агар онҳо дар бораи эҳёшавии Исо намедонанд, пас онҳо Ӯро дуруст ба тарзи лозимқ қадру дарк карда наметавонанд. Чунки эҳёшавии Исои Масеҳ дар давраи зинда будани Ӯ пешгӯӣ карда шуда буд, ва шогирдони Ӯ ҳаёти худро қурбон намуда барои Ӯ шаҳодат доданд.

1. Исо дар бораи он ки пас аз марги Ӯ чӣ  мешавад, чӣ гуфта буд? (Матто 16:21) _______________________________________________

2. Библия шаҳодат медиҳад, ки Исо Худаш эҳёшавиро пешгӯӣ намуда буд. Чӣ гуна одамон Исои эҳёшударо диданд? 1Қӯринтиён 15:3-8)

_______________________________________________________________

_______________________________________________________________

3. Исо пас аз эҳё гаштан ба шогирдонаш дар бораи Худ чӣ гуна эъломия дод? (Матто 28:18). Павлуси Муқаддас дар бораи эҳёшавии Исои Масеҳ чӣ гуна эъломия дод? (Румиён 1:4)

_______________________________________________________________

______________________________________________

Ба  ин такя карда, ба мо дигар чизе намемонад, ғайр аз Исоро ҳукмрони ин дунё дар замони ҳозира номидан.

4. Аъмол 1:9 – 11 – ро хонед. Пас аз эҳёшавӣ Исо куҷо рафт?

_______________________________________________________________

5. Эфсӯсиён 1:20 – 23 –ро хонед.

1) (Исо ҳоло дар куҷост? (ояти20)

_______________________________________________________________

2) Исо имрӯз чӣ хел фарқ мекунад?

_______________________________________________________________

3) Ба Исои дар тарафи дасти рости Худо нишаста, кадом ду мева дода шудааст. (Ояти 22)

_______________________________________________________________

6. Шогирдони Исо пас аз эҳёшавӣ ва ба осмон рафтани Ӯ чиро махсусан қайд намуданд. (Аъмол 2:32, 4:33)

_______________________________________________________________

_______________________________________________________________

7. Имон ба эҳёшавии Исои Масеҳ дар ҳаёт чӣ гуна таъсири ҳақиқӣ ворид месозад? (Румиён 6:4-5)

_______________________________________________________________

8. Агар эҳёшавии Исои Масеҳ ҳақиқати таърихӣ намебуд, (1 Қӯринтиён 15:14-19) пас имрӯз кадом мушкилиҳо дар имондорони Исои Масеҳ рух медод?

_______________________________________________________________

_______________________________________________________________

9. Ба эҳёшавии Исои Масеҳ бовар накарда, Ӯро баланд қадр кардан мумкин аст. Вале ин баҳодиҳӣ пурра нест. ҳоло Шумо дар бораи эҳёшавии Исои Масеҳ чӣ фикр доред?

______________________________________________________________
______________________________________________Вохӯрии чорум

Ба Исои Масеҳ бовар намоед

Акнун Шумо медонед, ки Исои Масеҳ кӣ аст, Ӯ чӣ кор кард ва кадом нақшро дар замони ҳозира иҷро менамояд. Вале ин дониш ҳаёти Шуморо тағйир дода наметавонад. Алалхусус гуфта наметавонӣ, ки ин дониш ин ҷамъиятро ислоҳ карда метавонад. Вале дар ҳаёти нав зистан, то ин ки ҷамъияти нав барпо кунанд, бояд шахсон қудрати Исоро аз сар гузаронанд ва хокимияти Ӯро қабул намоянд. Шумо барои ин чӣ бояд кунед?

______________________________________________________________
______________________________________________

Дар ин дарс мо мефаҳмем, ки ба ин савол Исо ва шогирдонаш чӣ гуна ҷавоб медиҳанд. ҷиддӣ дар болои таклифи онҳо фикр кунед. Кадом қароре, ки қабул накунед, ин лаҳза лаҳзаи муҳими ҳаёти шумо мегардад.

1. Инҷили Юҳанно 3:16 – ро хонед.

1). ҷаҳони аз ҷониби Худо дӯстдошташуда ба чӣ ишора мекунад ва кадом соҳаҳоро дар бар мегирад?

______________________________________________________
______________________________________________________

Худованд на танҳо рӯҳи одамро дӯст медорад. Худованд ҳама чизи одамиро дӯст медорад: табиат, ки дар он Ӯ зиндагӣ менамояд, ва ҷамъиятро, ки ба вай тааллуқ дорад.

2) Барои он ки Худованд ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари Ягонаи Худаш Исои Масеҳро дод. Барои ин дунё Ӯ чӣ кор кард?
(Вохӯрии дуюму сеюмро такрор кунед). __________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________

3) Шумо бояд чӣ кор кунед, то ҳаёти абадиро доро гардед? (Дар ин ҷо «**ҳаёти абадӣ»** ҳаёт бо Худо ва дарки Ӯро дар назар дорад).

______________________________________________________________
______________________________________________

2. Имон ба Исои Масеҳ кадом рафтори мушаххас ва маъниро дар бар мегирад?

1) Румиён 10:9,10_____________________________________

2) Юҳанно 1:12 ________________________________________
3) Аъмол 2:38 ________________________________________

3. Дар натиҷаи имон ба Исои Масеҳ шахсан дар Шумо кадом тағйиротҳо ба амал меоянд? (Юҳанно 5:24)

1) Вазъият дар замони ҳозира_____________________________________
2) Ваъда барои оянда ___________________________________________
3) Иваз намудани гузашта _______________________________________

Вақте, ки мо ба Исои Масеҳ имон меоварем, ҳар як кас дорои алоқаи махсус бо Худованд мешавад. Алалхусус халқи Худованд (1 Петрус 2:9) ва Писари Ӯ (Юҳанно 1:12) мешаванд. Ин ҷо ин дар назар дошта шудааст, дар ин лаҳзае, ки мо бо Худованд алоқа дорем, дар ин лаҳза мо алоқаамонро бо ононе ки нисбати Ӯ ихлос доранд мустаҳкам менамоем. Ин алоқаро Нома ба Румиён 12:5 чӣ хел ифода мекунад?

__________________________________________________________

5. Одамоне, ки ба Исои Масеҳ боварӣ доранд, албатта муносибатро бо якдигар мустаҳкам менамоянд. Мана ҳамин калисо номида мешавад. Бо вуҷуди он ки калисоҳои имрӯз медидагии мо комил нестанд, вале Исо кафорати Худро ба ивази хунаш дод. (Аъмол 20:28) Алоқаи Исоро бо калисои Библия чӣ гуна тасвир менамоед? (Эфсӯсиён 5:23)

___________________________________________________________________

_________________________________________________

6. ҳамин тавр мо дар бораи Исо дониста гирифтем. Ва инак мо боз як бор он чизеро, ки пештар омӯхтаем, такрор менамоем.

1) Исои Масеҳ одам ва инчунин Худованд мебошад.
2) Исо дар ин замин тақводорона зист ва барои гуноҳҳои ин замин мурд.
3) Исои Масеҳ ин дунёро ҳукмрон аст.
4) Агар ба Исо имон меоваред, пас шахсияти Шумо ва ин дунё тағйир меёбад.

Акнун вақти ҳал кардани ояндаи қалби Шумо вобаста ба Исои Масеҳ фаро расид.

Оё мехоҳед, ки ба Исои эътирофшуда имон оваред? ____________

Агар ба Исо боварӣ доред, оё Шумо мехоҳед, ки ба ҳайати калисо ворид шуда қисми бадани Ӯ гардед? ______________________________

7. Акнун қарори нав қабул карда ақидаатонро бо Худо бо ҳам бинед.

**II.**

Муомила:

Ибодати ҳаррӯза ва ҳақиқат

**Ибодати ҳаррӯза (Quiet Time)**

Вақте ки эътиқод ба наҷот пайдо мегардаду масеҳӣ мегарданд муносибатҳои шахсӣ бо Исои Масеҳ тавлид меёбад. Вале чӣ тавре ки дар зиндагӣ барои амиқ гаштани муносибатҳои инсон муомила лозим аст, ҳамин тавр барои мустаҳкам гаштани муносибат бо Худованд муомилаи бевосита бо Ӯ лозим аст. Чунин муомила, алоқаи шахсиро «**ибодати ҳаррӯза» ё «вақти иззату икром»** меноманд.

Барои муносибат бо Худованд заминаи пешакӣ лозим аст.Пеш аз ҳама боз як бор аниқ кардан лозим: Муносибати Шумо бо Худованд чӣ гуна мебошад.

1. Исо ҳар рӯз бо кадом корҳо машғул буд? Матто 4:23.

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________

Ва Шумо бо кадом корҳо ҳар рӯз машғул ҳастед? Бо тартиб нависед; аз он корҳое сар кунед, ки бештар вақти Шуморо мегиранд.

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

2. Инҷили Луқо 5:15 – 16 –ро хонед. Кадом вақт дар вақти машғулиятҳои рӯзмарраш барои Исо аз ҳама муҳим буд?

______________________________________________________________

______________________________________________

3. Исо ҳар пагоҳӣ барвақт пеш аз саршавии кор бо чӣ машғул мешуд? Марқӯс 1:35 ___________________________________________________

______________________________________________________

Ва Шумо саҳарӣ барвақт чӣ кор мекунед? ________________________

______________________________________________________

4. Довуд аз ҷониби Худо барои амалӣ гардидани иродаи Ӯ бо пуррагӣ истифода бурда шуда буд, чунки ӯ бо рӯҳи Худованд як буд. Чунин ягонагӣ танҳо тавассути муносибатҳои амиқ бо Ӯ имконпазир буд. Забур 5:13, 142:8 –ро хонед ҷамъбаст намоед: Довуд чӣ тавр вақташро бо Худованд мегузаронд.

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________

Мана ҳамин гуна вақтро «**ибодати ҳаррӯза» ё «вақти иззату икром»** меноманд.
(Савол) Хониши мустақилона, омӯзиши Библия, ҷудо кардани вақт барои ибодатро «**ибодати ҳаррӯза**» номидан мумкин аст?
______________________________________________________________________________________________________________________

5. Сабаби гузаронидани ибодати ҳаррӯзаро аз ҷониби масеҳиён фикр кунед.

1) Барои муносибати шахсӣ бо Худованд. Муносибати боре бо Худованд тавлидёфта канда намешавад (Румиён 8:39). Вале барои мустаҳкам намудани ин муносибат муомилаи мунтазам лозим аст. Бисёр шаклҳои муносибат мавҷуданд, вале муомилаи шахсӣ бо Худованд танҳо бо «**ибодати ҳаррӯза»** имконпазир аст.
2) То ин ки Худованд ҳамроҳӣ кунад ва эмин нигоҳ дорад, ҳамроҳӣ кардан: бо воситаи Каломи Худованд (Забур 118:105)
____________________________________________________________________________________________

Ҳимоя кардан: бо воситаи Каломи Худованд
__________________________________________________________________________________________

Худованд ба воситаи «**ибодати ҳаррӯза»** ҷавоби мушаххас ба ҳама мушкилиҳои дар ҳаёти рӯзмарра рухдода медиҳад
3) То он ки ба хислат, шахсияти Худованд монанд шудан ва монанди Ӯ зистан (2 Қӯринтиён 13:18)

Масеҳӣ, ки нуру намаки тарғиби башорат мебошад, бояд тарзи дурусти ҳаёти масеҳона дошта бошад, на ин ки худро ҳамчун «**қисми калисо**» нишон диҳад. Ҳаёти имондор бо тарафи берунаи ҳаёти имондор анҷом намеёбад, вале барои он ки шахсият ва ҳаёти мо иваз шавад, муомилаи бевосита бо Худованд лозим аст.
4) То ин ки кори Худовандро бар дӯши худ гирад.
(Луқо 5:15,16; Марқӯс 1:35)

Кори калисо супоридашуда, паҳн намудани башоратро бар дӯши худ гирифта, бояд қудрату тавсияҳои Худовандро тавассути муомила доро бошед.
6. Барои гузаронидани **«ибодати ҳаррӯза**» усули муайяне нест. Барои оғози кору онро идома додан, Шуморо бо «**ҳаёти зинда**» шинос менамоем.

Агар «**ҳаёти зинда» –** ро истифода барем, манфиатҳои зайлро доро мегардем.

1) ҳар рӯз Каломи лозимиро соҳиб шудан мумкин аст.
2) Дар болои Каломи мувофиқ андеша рондан мумкин аст.
3) Барои мунтазам, қафо намонда гузаронидани **«ибодати ҳаррӯза**» ёрӣ мерасонад.
4) Дар болои Каломи Худованд андеша рондан ёрӣ мерасонад.
5) Дар фахмидани ҷойҳои мушкили Библия ёрӣ мерасонад.

7. «**ҳаёти зинда**» – ро истифода бурда «**ибодати ҳаррӯза»** гузаронед (Усули истифодабарӣ – маълумот)

1) Аз мадҳу ситоиш оғоз намоед

Мадҳу ситоиш – ин тайёрии рӯҳ пеш аз баромадан ба назди Худованд мебошад. ҳамин тавр «**ибодати ҳаррӯза»** – ро аз мадҳу ситоиш оғоз намоед.

2) Кӯмаки Рӯҳулқудсро ҷӯед

Рӯҳулқудс, муаллифи Библия шуда истода, чунки он зери таассуроти Ӯ навишта шудааст, барои дуруст дарк намудани Каломи Худованд равшанӣ мебахшад.

3) Аз Шунидани Калом оғоз намоед

Тавассути Каломи Худованд ба мо дар бораи Худаш дарак медиҳад (таскин, умед, пешгирӣ, нақшаи худ ва боз бисёр чизи дигар). Бинобар ин мо бояд бодиққат гӯш кунем, ки Каломи имрӯз додашуда чӣ маънӣ дорад.
Дар оғоз матни асосиро се бор бо овози баланд хонед.
Ин усули мутамарказонидани қалбҳои мо дар вақти хоҳиши фурӯтанонаи мо баҳри шунидани Каломи Худованд ва эътироф намудани қурби Калом зимни хониши бодиққати каломи Худованд мебошад.

Оромона дар бораи мундариҷаи КАЛОМ андеша карда, фикр кунед, ки Ӯ Худо (Худо – Падар, Худо – Писар, Худо - Рӯҳулқудс) кист? Ба хислати Ӯ нигаред. Ва дар партави ин суханон кӯшиш намоед, дар бораи амрҳо, ваъдаҳо, кафорати гуноҳҳои Ӯ, ва дар бораи он ки амалан шумо бояд чӣ кор кунед, фикр намоед.

4) Мушаххас истифода баред

Вақте ки андешаронӣ дар болои Каломи Худованд нест, ин монанди дарахти беҳосил аст. Албатта он чизи муҳимеро, ки ба воситаи Калом гирифтаед, дар дафтар нависед. Чизҳои носаҳеҳ дар вақти навиштан саҳеҳ мегарданд ва ибодат мушаххас мегардад.

5) Дар асоси Калом ибодат кунед

То ин ки ба Каломи имрӯза додашуда пурра итоат намоед, аз Худо ёрӣ талабед.

6) Каломро бо якдигар бинед

Ба бародарону хоҳарони ҳамимонатон нақл кунед, ки дар натиҷаи истифодабарии Калом чӣ рух дод. Дар он вақте ки мо баракатро бо ҳам мебинем, муносибат бо ҳамсояҳо бо муҳаббат мустаҳкам мегардад. Ва он чизе, ки мо дар ин ҷо шинос мешавем, танҳо як нашри хурдакаки барои пирӯзӣ дар ҷанги рӯҳонӣ мебошад. Умедворем, Шумо усулҳои натиҷабахшу беҳтарро истифода мебаред ва инкишоф медиҳед. Оромона ва боматонат якҷоя бо Калом роҳ равед. Аз ҳаёти комил лаззат бурдаистода, чун масеҳии пирӯз бояд зиндагӣ кард.
8. Дар Забур 118 – 15, 97 андеша дар болои Калом нишон дода мешавад. Фарқи байни андеша ва хониши оддии Калом чист?
________________________________________________________________
________________________________________________________________
_______________________________________

9. То ин ки Калом такягоҳи пойҳои ман, нур дар роҳи ман гардад, онро дар ҳаёт амалӣ гардонидани ман лозим аст. Ба ҳаёти худ ё ба оянда нигариста истифодабарии Калом аз шахси мушаххас ва ҳодиса пеш гузашта, андешаро пайваст менамояд. Барои истифодабарии натиҷабахши Калом се лаҳзаи муҳим лозим аст.
1) Бояд шахсӣ бошад ___________________________________________
________________________________________________________________
_______________________________________________

2) Бояд мушаххас бошад ________________________________________
________________________________________________________

3) Бояд имконпазир бошад ______________________________________
_________________________________________________________

10. Бо матонат аз рӯи қоида гузаронидани «**ибодати ҳаррӯза»** осон нест, ҳатто агар манфиати онро донед ҳам.

Барои ин маслиҳати зеринро истифода баред.

1) Барои ҳаёти пурэҳтиром тайёрӣ лозим аст. (1 Тимотиюс 4:7). Барои гузаронидани «**ибодати ҳаррӯза**» дар ҳаёти Шумо чӣ халал мерасонад?

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

2) Бародаронро пайдо намоед, то якҷоя «**ибодати ҳаррӯза»** – ро гузаронед (Ибриён 10:24-25, 2 Тимотиюс 2:2)

________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

Маҷлисҳои гуногун дар калисо ва хидматгузории ноҳиявӣ барои мунтазам гузаронидани «**ибодати ҳаррӯза**» ба Шумо кӯмак мерасонанд.

3) ҳатто агар ба бебарорӣ дучор меоед, аз худи ҳамон рӯз ноумед нашуда, аз сари нав сар кунед.

11. Нуқтаи 7-умро пайгирӣ намуда кӯшиш менамоем бо тарзи ҳақиқӣ «**ибодати ҳаррӯза**»-ро гузаронем. Матни асосӣ: Инҷили Юҳанно 8:1-11.

12. Бо якдигар мундариҷаи «**ибодати ҳаррӯза»** - ро бо ҳам бинед.

Таърихи рӯз _____ Моҳ_________ Сол ______ Каломи Худованд.
Мавзӯъ ва хулоса ___________________________________________________
______________________________________________________________
Каломи ба ман додашуда __________________________________________
______________________________________________________________________
_____________________________________________________
Татбиққунӣ ва ибодат. ______________________________________________
______________________________________________________________________
____________________________________________________

III

Рушд: омӯзиши Библия якка ба якка

Вохӯрии якум Боварӣ ба наҷот

Вохӯрии дуюм Хислати Худованд

Вохӯрии сеюм Каломи Худованд

Вохӯрии чорум Ибодат

Вохӯрии панҷум Муомила

Вохӯрии шашум Воизӣ

Вохӯрии ҳафтум Ҳаёти пур аз Рӯлҳуқудс

Вохӯрии ҳаштум Ҳаёти бар санҷишҳо пурзӯр омада

Вохӯрии нӯҳум Ҳаёти Масеҳӣ дар итоат.

Вохӯрии даҳум Хидмат гузоштан

Мундариҷаи мухтасар

Сирри ҳаёти пурзӯри бо Рӯҳулқудс пуркардашуда дар он аст, ки ҷои марказӣ дар он бояд ба Исои Масеҳ тааллуқ дошта бошад. Сарварии Масеҳ дар ҳаёти Шумо маънии онро дорад, ки Шумо тамоми ҳуқуқҳои зиндагиатонро ба Ӯ додаед ва дар итоат мебошед. Аз он вақте ки Масеҳ шахсан худаш Шуморо сарварӣ менамояд, дар ҳаёти Шумо тағйиротҳои ҳайратангезе ба вуқӯъ мепайвандад.
Ба Масеҳ эътимод бастан, ба Ӯ бовар кардан хоҳиши ҳақиқии ҳама масеҳиён мебошад. Расми боло ҳаёти Исои Масеҳ сарварикунандаро шарҳ медиҳад.

1. Масеҳии марказшуда - Ғалотиён 2:20 Юҳанно 15:5.
2. Боварӣ ба Наҷот – 1Юҳанно 5:13 Юҳанно 5:24.
3. Хусусиятҳои Худованд – 1Вақоеънома 29:11-12. Забур 36:5-6.
4. Каломи Худованд – 1Петрус 2:2, 2 Тимотиюс 3:16.
5. Ибодат – Филиппиён 4:6,7 Юҳанно 15:7.
6. Муомила – Румиён 1:16, Юҳанно 13:34-35.
7. Воизӣ – Румиён 1:16, 1 Петрус 3:15.
8. ҳаёти аз Рӯҳулқудс пуркардашуда - Эфсӯсиён 5:18 Ғалотиён 5:22-23.
9. Санҷиш - Яқуб 1:14-15 1Қӯринтиён 10:13
10. Итоат кардан - Румиён 12:1 Луқо 9:23
10.Хидмат намудан - 1 Қӯринтиён 3:9 1Петрус 2:9-10.

Вохӯрии якум

Боварӣ  ба наҷот

Супориш барои тайёрӣ

1. Ҳар ҳафта ваъзи якшанбегиро сабт намоед.
2. Аз Инҷили Матто чор боби якумро хонед.
3. Пешакӣ ба мавзӯӣ «**Боварӣ  ба наҷот тайёрӣ бинед».**
4. Ғалотиён 2:20 ва Юҳанно 15:5 азёд дар хотир нигоҳ доред.
5. ибодати ҳаррӯзаро (вақти иззату икромро) гузаронед.

Вохӯрии якум

Боварӣ ба наҷот

1. Ба Исои Масеҳ имон оварда, Шумо аъзои калисо мегардед, ки он бадани Масеҳ мебошад. Боз як бор мепурсем, оё Шумо ба Исои Масеҳ имон доред?

Агар шумо ба ин савол аниқ «**ҳа»** гуфта ҷавоб додед, кушоду равшан ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

2. Оё ҳоло ҳамроҳи ШУМО Исои Масеҳ мавҷуд ҳаст? ҲА, НЕ, намедонам.
3. Оё боварӣ доред, ки гуноҳҳои Шумо авф шудаанд?
4. Оё Шумо фарзанди Худованд шудед?
5. Оё Шумо дорои ҳаёти абадӣ гаштед?
6. Оё Шумо соҳиби наҷот гаштед?
7. Имрӯз шабона Шумо мурдаистода боварӣ доред, ки ба Шоҳигарии Осмонӣ меафтед?
8. Оё Шумо аз Рӯҳулқудс пур гаштед?
9. Оё аз нав тавлид ёфтед?
10. Оё боварӣ доред, ки ба марг маҳкум нагаштаед?

Мисраҳои зеринро аз Навиштаи Муқаддас хонед (Ваҳй 3:20, Румиён 8:1, Қӯлассиён 1:12-14, Юҳанно 1:12, 1Юҳанно 5:11-13, Юҳанно 5:24, Аъмол 16:31, Эфсӯсиён 2:8-9, Луқо 23:42-43, 1 Қӯринтиён 12:3, Юҳанно 3:3-5, Титус 3:5, Юҳанно 3:18).

Ба даҳ саволи вобаста ба вазъи рӯҳониатон ҷавоб дода, оё аниқ кардед, ки Шумо ҳақиқатан дорои наҷот гаштаед? Инак Шумо масеҳӣ шудед. Масеҳӣ шудан, яъне бо имон Исои Масеҳ, муҳаббати додаи Ӯ ва авфи гуноҳҳоро қабул кардан мебошад. Ин он вақте амалӣ мегардад, ки агар Шумо пурра ақли худ, ҳиссиёт ва иродаи худро мебахшед. Яъне вақте ки худро пурра ба Масеҳ медиҳед.

Муносибати моро бо Масеҳ дар мисоли муносибати никоҳӣ фаҳмондан мумкин. Дар муносибати никоҳӣ ҳам се талабот ҷой дорад: ақл, ирода ва ҳиссиёт. Мисол: мард дар бораи дӯстдоштаи худ, ҳамчун арӯси мувофиқ фикр мекунад. Дӯст доштани Ӯ маънии никоҳро надорад. Барои никоҳ ақл, ҳиссиёт инчунин ирода лозим аст. То оне, ки бо қарори ирода марду зан назди ҳукмфармои маърака қасам намехӯранд, ки зану шавҳар мегарданд, никоҳи онҳо барпо намешаванд. Ба саволи додашуда ҷавоби аниқ «**ҲА»** лозим аст. Дар муносибати мо бо Исо низ ҳамчунин. Аввал онро бояд ба ақл дарк намуд. Пас аз он бо ҳиссиёт

онро аз сар гузаронид. Вале ин кифоя нест, агар бо ирода Исоро дар ҳаётатон Худованд эътироф наменамоед. Дар ин маврид мо масеҳӣ шуда наметавонем.

1. Бо ақл дарк намудан

Дар алоҳидагӣ ин се талаботи зарурииро барои худро ба Исои Масеҳ бахшидан дида мебароем. Масеҳият ин диндории ҷоҳилона нест. Вай дар асоси далелҳои таърихӣ асос ёфтааст. Ин ҳодиса садсолаҳоро паси сар намуда, тавассути тадқиқотҳои бисёр аниқи олимони зиёде собит гаштааст. Бисёр олимони намоён ҳаёти Исо аз Носираро, таълимоти Ӯ, маргаш, эҳёшавӣ ва қудрати таъсири Ӯро тадқиқ намуда, ҷони худро нисор намудаанд. Дар натиҷа эҳёшавии Исои Масеҳ бисёр дақиқ исбот гаштааст, нисбати нест кардани артиши ҷопонӣ аз ҷониби сарлашкар Ли Сун Син дар Хансадо.

Профессор Эдвин Шервин гуфт: **«ҳодисаи эҳёшавии Масеҳ баъди се рӯзи дафн имконият дод, ки бо Масеҳ, бо кӯмаки одамоне, ки Ӯро дар замин медонистанд, муносибати нав барқарор гардад. Инчунин эҳёшавии Ӯ далелҳои раднашавандаи таърихӣ доранд, ки онро ҳеҷ кас инкор карда наметавонад».**

Дар калисо эҳёшавии Масеҳ дар давраи Аҳди ҷадид монанди ҳозир ҳодисаи инқилобие ба шумор мерафт. Чунки ин ҳақиқат таърихист. Барои ин, то ин ки бо ақл худро ба имон бахшед, бояд мундариҷаи Башоратро, ки дар Библия омадааст, дуруст дарк намоед. Инак мебинем, оё Шумо маънии Башорат ва ҳақиқати таърихии онро дуруст мефаҳмед.

1) Исои Масеҳ кӣ аст?

❖ Масеҳ худро чӣ тавр шинос менамуд?

Юҳанно 10:30 ____________________

Юҳанно 14:8-9 ____________________

❖ Одамоне, ки Масеҳро иҳота карда буданд, Ӯро чӣ тавр шинос мекарданд?

Матто 14:33 ____________________

Матто 27:54 ____________________

Юҳанно 20:28 ____________________

2) Кадом корҳоро Ӯ содир намуд?

❖ Дар ин замин зиста, Ӯ кадом корҳоро содир намуд? (Аъмол 10:38)

____________________

____________________

❖ Мақсади марги Исо дар салиб чист? (Маркӯс 10-45, Румиён 5:8)

______________________________________________________________

3) ҳоло Ӯ чӣ кор мекунад?

❖ Исо дар бораи он ки пас аз марги Ӯ чӣ мешавад, чӣ гуфт? (Матто 16:21)

______________________________________________________________

❖ Исои эҳёшуда ҳоло куҷо аст ва бо чӣ машғул аст? Эфсӯсиён 1:20-23.

______________________________________________________________

4). Шумо бояд ба Исои Масеҳ имон оваред.

❖ Хулоса бароред, Инҷили Юҳанно 3:16 чиро меомӯзад.

2. Озмоиш бо ҳиссиёт

ҳиссиёт – ин реакция ба ҳодисаи махсус, амал ва ё озмоиш мебошад. Азбаски одам Башоратро шунида истода, дорои чунин ҳиссиёт мебошад, Ӯ воқеияти Исои Масеҳро дарк менамояд. Ва мавриди тавлиди имон реаксияи ҳиссиётӣ ҳатман зарур мебошад.
Вале ҳиссиётҳо гуногун шуда метавонанд, вобаста ба Худованд, агар онҳоро дуруст фарқ накунед, ба осонӣ дучори бесарусомонӣ гаштан мумкин аст.

1) Дар имондорӣ реаксияи пурҳаяҷон лозим аст.

Реаксияи аҳолии Ерусалим, ки ваъзи Петрусро ва яҳудиён, ки ваъзи Истефанусро шунида буданд, чӣ гуна буд? Аъмол 2:37, 7:54)

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

Ду гурӯҳи одамон бо имонҳои мухолиф буданд, вале реаксияҳои онҳо якхела буд.

2) Реаксияҳои пурҳаяҷон аз якдигар фарқ менамоянд. Тавассути кадом озмоишҳо ҳаввори Павлус Исои Масеҳро шинохт? (Аъмол 22:6-10)

______________________________________________________________

______________________________________________________________

Имони озмоишкардаи Ӯ ва имони Тимотиюсро муқоиса намоед (2Тимотиюс 1:5) ____________________________________________

______________________________________________________________

Реаксияи ҳиссиётӣ дар имон гуногун аст, ва ин вобаста ба хислати одам ё шароити хонаводагии Ӯ мебошад. Шумо чӣ фикр доред; Шумо ба кадом тараф тааллуқ доред? ___________________________

______________________________________________________________

3) Побанди ҳиссиёти худ нагардед.
Умуман одам мавҷудияти эҳсоснок аст ва ҳиссиёт дар ҳаёти мо мавҷудияти маъмулӣ мебошад. Азбаски ҳар кас хислати худро дорад, бо Худованд дар алоқа буда, ҳар кас дорои реаксияи пурҳаяҷони гуногун мебошад. Баъзе одамон метавонанд дорои ҳиссиёти баланди пурҳаяҷон бошанд, баъзеи дигар хомӯшу ором. Таҷрибаи эҳсоснок лозим, вале агар мо ҷӯёи ин озмоиши махсуси эҳсоснок гардем, мо метавонем ба осонқ боварии ба муносибати бо Худованд тавассути Масеҳ ба даст овардаамонро аз даст диҳем.
4) Эҳсосот – ин натиҷаи сухан ва имон мебошад.

Боварии мустаҳкам ба наҷот дар обурӯи Каломи Худованд асос меёбад. Агар Шумо аз рӯи Калом зиндагӣ намоед, пас Шумо бовар мекунед, ки фарзанди Худованд гаштед. Масеҳ бо имон ба Каломи Худованд ва эътиборнокии он зиндагӣ менамояд.

Расми зерини қатора алоқаи байни ҳақиқат (Худованд ва Каломи Ӯ), имон (имони мо, боварӣ ба Каломи Ӯ) ва ҳиссиёт (натиҷаи озмоишҳои мо) – ро инъикос менамояд.




3. қарори қатъии боирода

Ба рафти масеҳшавӣ ва дорои боварӣ гаштан, ғайр аз ақлу ҳиссиёт, ирода низ дохил мешавад. Масеҳ низ қайд карда буд, ки барои дорои боварии мустаҳкам гаштан ба наҷоти мо иродаи одамӣ муҳим мебошад. Бинобар ин Масеҳӣ, ки ба Исо имон дораду Ӯро пайравӣ менамояд, бояд дорои ирода ва қатъият дар шаклҳои гуногуни он бошад.
1) Кадом қарори боиродаро Исо аз мансабдори ҷавон талаб кард? (Луқо 18:22)

Ин чунин маъно надорад, ки аз ҳама одамон айнан чунин қарорро қабул кардан талаб карда мешавад. Вале он чӣ ки дар имон қарори қатъии боирода гузошта мешавад, ба ҳама дахл дорад.

2) Шахси нобиное, ки бо Исо вохӯрд, имондорию иродаи худро чӣ тавр ифода намуд. (Луқо 18:39,41)

---

---

Ба Худованд имон оварда, оё Шумо қарори аниқи боирода қабул намудед?

---

Исботи аниқи наҷот

Алоқаи тарафайни се талаботи имондорӣ. Худованд се далели дар мо будани Масеҳро нишон медиҳад.

1. Каломи Худованд

Каломи Худованди моддӣ ифодаёфта. Эътиқод ба наҷот ин ба эътимоднокии Каломи Худованд асос меёбад. 1Юҳанно 5:9-13-ро хонед.

2. Рӯҳулқудс – далели ботинӣ

Рӯҳулқудс дар мо буда, шаҳодат медиҳад, ки мо фарзандони Худовандем. Румиён 8:16 – ро хонед.

3. Ҳаёти тағйирёфтаи мо

Ҳаёти тагйирёфтаи Шумо шаҳодати ҳартарафаи он аст, ки Шумо аз нав тавлид ёфтаед ва фарзанди Худованд гаштаед. 1Юҳанно 2:3-6-ро хонед.

Вохӯрии дуюм

Хусусиятҳои Худованд

---

Супориш барои тайёрӣ дидан

---

1. Ваъзи якшанбегиро нависед.
2. Ҳар рӯз як боб аз Инҷили Юҳанно 1-7 хонед.

3. Пешакӣ ба мавзӯӣ «**Хусусиятҳои Худованд**» омода шавед.
4. 1.Юҳанно 5:13 ва Юҳанно 5-24 – ро аз ёд кунед.
5. Ибодати ҳаррӯза (вақти иззату икром) – ро гузаронед.

Вохӯрии дуюм

Хусусиятҳои Худованд

Инак мо ба Исо имон оварда бо Худованд дорои муносибати махсус гаштем. Мо итминон дорем, ки фарзандони Худовандем ва боварӣ дорем, ки абадӣ бо Ӯ зиндагӣ хоҳем кард. Дар ин бора ба мо Рӯҳулқудс шаҳодат медиҳад. (Румиён 8:16).

Барои имондорони нав зиндагиро оғоз менамудагӣ, ки дорои чунин далели хусусианд, дониши умумӣ  дар бораи Ӯ зарур аст. Мо бояд Онеро, ки ҳамроҳи мо истодааст ва моро сарварӣ менамояд, беҳтар донем, на ин ки тасаввуроти файласуфонае дошта бошем. Он вақт имони мо бештар мустаҳкамтар мегардад.

ҳамчун масеҳӣ шумо аллакай Худоро медонед. Вале барои он ки Худо ҳама вақт дар ҳаёти Шумо марказ бошад, Шумо бояд дар бораи хусусиятҳои Ӯ бештар донед. Фақат он вақт ҳамчун халқи Худованд мувофиқи хоҳиши Ӯ зиндагӣ кардан мумкин аст. Библия муфассал бо хислати Худованд шинос менамояд.

Бисёр одамон бо нобоварӣ ва шубҳа зиндагӣ  менамоянд, чунки дар бораи Худованд ва хислатҳои Ӯ чизе намедонанд. Вале дониш дар бораи Худованд дар ҳаёти мо бисёр муҳим аст. Агар дар бораи Худованд намедонед, фаҳмидани он чизе, ки дар атрофи мо рух мезанад, мушкил аст ва бе ҳис кардани самти амал содир намудани амалҳои пурғалат осон мегардад. Андешаҳои баланде, ки мо бояд дошта бошем, бояд андешаҳо дар бораи Худованд бошанд. ғайр аз ин андешаҳо бо ҳақиқати Худованд мувофиқ бошанд. Он вақт мо метавонем ҳақиқатан ба Худованд хизмат кунем ва дар ҳаёти ҳақиқии масеҳӣ зиндагӣ намоем.

Дар китоби Ишаъёи Набӣ 6:3 Ишаъё чиро қайд менамояд?

Барои Худоро донистан пеш аз ҳама хусусиятҳои Ӯро, ки дар Библия омадааст, донистан лозим аст.

1.Сифатҳое, ки танҳо ба Худованд хосанд

Чунин хусусиятҳо танҳо ба Худо тааллуқ доранд. Нест офаридае ё чизи рӯҳоние, ки чунин сифатҳои монандро доро бошад. Ин сифатҳо дар китоби якуми Вақоеънома 29:10-12 омадаанд.
1) Худо – ҳукмрон аст. Ин суханон маънии «**роҳбар, ҳукмрони олӣ»** -ро доранд. Худованд ҳукмрони олии ин кайҳон аст.
ҳукмронии Худованд дар Румиён 11:36 чӣ гуна тасвир ёфтааст.

_______________________________________________

Ин ҳақиқатро дарк намуда, мо кадом мавқеъро вобаста ба муносибатамон ба ҳаёт ва дунёе, ки дар он зиндагӣ менамоем, ишғол менамоем?

_______________________________________________

_______________________________________________

_______________________________________________

2). Худо – абадист. Замоне, ки ХУДО ҳеҷ вақт мавҷуд набуд, набуд. Худованд беибтидою беинтиҳост ва бо вақт ҳам маҳдуд нест. Ӯ ҳама вақт зинда аст ва монанди имрӯз гузашта ва имрӯзаи моро мебинад.

ҷовидонии Худованд дар Ишаъё 44:6 ва 1 Тимотиюс 1:17 чӣ гуна ифода ёфтааст?

_______________________________________________

_______________________________________________

Аз дарки он ки Худованд дар гузашта чӣ офарид, имрӯз чӣ меофарад ва дар оянда чӣ хоҳад офарид, чӣ фоида аст? (Ибриён 13:8)

_______________________________________________

_______________________________________________

_______________________________________________

3) Худованд – ҳамадон аст. Худованд ҳама чизро медонад. Барои Ӯ ҳеҷ чизи наве нест, ки надонад; монанди наҷоти пайравонаш ва дигар корҳои ин дунё.
Худованд сарчашмаи ҳамаи донишҳо (Ишаъё 40:12-14) аст, ҳама чизро медонад (1Юҳанно 3:20)

Оё ҳар кадоми мо дар бораи ин ҳама чиз медонем?

_______________________________________________

_______________________________________________

Он чӣ ки дар бораи ман Худованд ҳама чизро медонад ба мавқеи ҳаётии ман чӣ гуна таъсир мерасонад. (Матто 10:29-31)

4) Худованд – іамаҷо аст. Худованд беҳудуд аст, бидуни вақту фазо Ӯ ҳама ҷост. Бинобар ин чунин фикр кардан аблаҳист, ки аз Худо гурехтан, пинҳон шудан мумкин аст. Одамоне, ки чунин имон доранд, фаҳмида метавонанд, ки Худованд дар онҳост ва онҳо бо файзу баракати ҳамсафарии Ӯ зиндагӣ карда метавонанд.

Суханони «**Худованд замину осмонро пур мекунад»** чӣ маънӣ дорад? (Ирмиё 23:24)

5) Худованд пурқудрат аст. Худованд нисбати ҳама қувваҳои муттаҳидаи зинда боқувваттар аст. Бинобар ин ҳама чизро бо қудрати худ Ӯ дар ин дунё офарид, ҳифз мекунад ва наҷот мебахшад. Ва алалхусус ба мо имондорон наҷотро дод.

Худованд пурқудрат ҳаст ва ҳақиқатан ҳам қудрати худро зоҳир менамояд. (Забур 146:5, Эфсӯсиён 3:20). Агар Шумо чунин имонро доред, пас дар лаҳзаи мушкилӣ, ё вақте ки заиф мегардед, аз ин чӣ фоида аст? (Филиппиён 4:13, 2 Қӯринтиён 12:9)

6) Худованд тағйирнаёбанда аст. Худованд ваъдаҳои бисёри додашударо иҷро менамояд. Бинобар ин мо ба Ӯ бовар карда метавонем, Рӯзинависии Худо метавонад бо тарзҳои гуногун иваз шавад, вале Худованд мефаҳмад (Забур 102:27, Яъқуб 1:17)

Чӣ фоида аст, вақте ки рӯзинависии Худоро намефаҳмӣ, вале ба шинохта фаҳмидани Худованд боварӣ дорӣ. (Румиён 8:28).

2.Хислатҳои хушахлоқӣ

Чунин хусусиятҳое ба Худованд хосанд ва дар муносибати тарафайни Худо бо одамон ин ба чашм мерасад.

1) Писари Одамӣ: Худо – ин муҳаббат аст. Ӯ ба норасоӣ ва носазовории одам нигоҳ накарда, бетаассуф муҳаббати Худро дареғ намедорад. Исботи ин он аст, ки Ӯ ба дунё Исоро, ки барои гуноҳҳои мо мурд, фиристод. (Румиён 5:8). Муҳаббати Худованд чӣ гуна зоҳир шуд? (Юҳанно 3:16)

_______________________________________________________________

___________________________________________________________

Ман чӣ бояд кунам, то сазовори чунин муҳаббат гардам? (1Юҳанно 3:16).

_______________________________________________________________

___________________________________________________________

2) Садоқат: Худованд ҳама вақт самимист. Одам беохир ба сӯи ҳақиқат майл мекунад. Ва ин ҳақиқати бедурӯғро танҳо аз Худованд пайдо кардан мумкин аст.

Худованд дурӯғ надорад. (Титус 1:2) Мо ки халқи Худованд шудаем, барои он ки дар ҳама соҳаҳо бе дурӯғ зиндагӣ намоем бояд чи кор кунем? (Филиппиён 2:15)

_______________________________________________________________

___________________________________________________________

3). Тақводорӣ: Худованд корҳои бетақворо намекунад. Ӯ комил аст ва бинобар ин аз одамоне, ки бо Ӯ мезиянд, комилиятро металабад. Амалӣ гардидани ин маҳаки наҷот барои одам имконпазир аст. (Матто 19:23). Танҳо бо фотеҳаи Худованд такя кардаистода, инро амалӣ кардан имконпазир аст.

Худованд порсо аст (Такрори шариат 32:4)
Мо халқи Худованд шуда истода, бояд монанди Худованд порсо бошем. (Матто 5:48). Барои ин хел шудан, мо бояд чӣ кор кунем?

_______________________________________________________________

_______________________________________________________________

4) қарор: Худованд боадолат аст. Боадолатии Худованд вақти мурофиа хуб ба назар мерасад. Вақте ки одам ба маҳкамаи Худованд кашида мешавад, Ӯ ҷазои хеле боадолатона мегирад. Ин суханон барои ононе, ки ба қафо менигаранду тавба менамоянд, таскин мебахшад, вале барои дигарон суханони огоҳикунанда мебошанд.

Мурофиаи Худованд ҷиддист. (2 Таслӯникиён 1:8-9) Чӣ тавр мо метавонем, аз ин мурофиаи қатъии марговар дар канор монем? (Юҳанно 5:24) __________________________________________

_______________________________________________________________

_______________________________________________________________

3. Таслис

Одамон Худовандро метавонанд ба воситаи табиату дигар чизҳои офаридааш донанд. (Румиён 1:19) Вале дониши бо чунин тарз дар бораи Худованд гирифташуда комил нест.

Исо гуфтааст, ки барои Худовандро дарк намудан бояд Исоро дарк намуд. (Юҳанно 14:7). Ва Оне, ки барои дарки Исо ёрӣ медиҳад, Рӯҳулқудс мебошад. (Юҳанно 16:4) Бинобар ин барои донистани Худованд, дарк намудани Худо – Падар, Писар ва Рӯҳулқудс лозим аст.

**«Пас биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таълим диҳед». (Матто 28:19).** Дар ин амр нишон дода мешавад, ки ин се шахсияти дар алоҳидагӣ фарқкунанда обурӯи якхела доранд.

1) Дар Инҷили Юҳанно 10:17-18 Исо Худро чӣ тавр муаррифӣ менамояд? ______________________________________________

______________________________________________________________

Дар Инҷили Марқус 10:17-18 Исо Худаш ва Худованд Падарро бисёр аниқ ҷудо кард. Ин ду порча алоқаи байни Исо ва Худованд Падарро нишон медиҳад.

2) Дар Аъмол 5:3-4 гуфта шудааст, ки ба Рӯҳулқудс дурӯғ гуфтан, ин маънои ба Худованд дурӯғ гуфтанро дорад. Аммо кӣ Рӯҳулқудсро мефиристад? (Юҳанно 14:16) ______________________

______________________________________________________________

Рӯҳулқудс бо Худованд дар як вазъият буда, аз Худованд фарқ мекунад.

2) Рӯҳулқудсро бо суханони дигар чӣ тавр ном мебаранд (Юҳанно 16:7)

______________________________________________________________

______________________________________________________________

Дида истода, ки Рӯҳулқудс мадҳи Исоро нисбати Худ бештар менамояд, метавонем Масеҳ ва Рӯҳулқудсро аниқ фарқ намоем.

Вақте ки мо Худованди сегонаро қабул менамоем, бояд Онро аниқ аз дигар худоҳое, ки динҳою файласуфҳои дигар номбар менамоянд, фарқ намоем ва он вақт мо метавонем, дуруст ба Ӯ бовар намоем.

ПАДАР

ХУДО

ПИСАР



Вохӯрии сеюм

Каломи  Худованд

---

Супориш барои тайёрӣ дидан

---

1. Ваъзи якшанбегиро нависед.
2. Ҳар рӯз як боб аз Инҷили Юҳанно 8-14 хонед.
3. Пешакқ ба мавзӯи “**Каломи Худованд – Библия”** тайёрӣ бинед.
4. Оятҳои китоби якуми Вақоеъномa 29:11 – 12 ва Забур 35:6-7 – ро азёд намоед.
5. Ибодати ҳаррӯза (вақти иззату икромро гузаронед).

Вохӯрии сеюм

Каломи Худованд – Библия

Библия китобест, ки дар тӯли 1500 сол қайдҳои зиёде аз чил муаллиф дар он гирд оварда шудаанд. Аҳди қадим ин каломест, ки Мӯсо ва дигар пайғамбарон аз ҷониби Худованд гирифтаанд. Дар тӯли тамоми таърих дар шакли даҳонию хаттӣ аз насл ба насл то асри 5 пеш аз милод “**Панҷ китоби Мусо”** ва наздики асри 2 пеш аз милод китобҳои пайғамбарон ва асарҳои адабӣ ҳамчун Библияи асосӣ мавқеъ гирифтанд. Аҳди қадим аз 39 китоб иборат аст, ки қисми зиёди он бо забони ибрии қадим навишта шудааст.

Дар Аҳди ҷадид қайдҳои таассуротҳои аз ҷониби Худованд гирифтаи ҳаввориҳо, номаҳои онҳо гирд оварда шудаанд. Дар аввал мундариҷа аз даҳан ба даҳан мегузашт. Ва дар вақти ҳаёт будани ҳаввориён ва пайравони онҳо монанди ҳозира дарҷ наёфта буданд. Вале қарибиҳои асри 4 – и солшумории мо Библия дар шакли ҳозираaш қабул гашт. Ин дар асоси қарори ҳукмфармоёнаи калисо ба амал наомада, балки эътирофи расмии Библия буд, ки аз худи аввал истифода бурда мешуд. Аҳди ҷадид аз 27 китоб иборат мебошад, ки бо забони юнони қадим навишта шудааст.

Мақсади навиштани Библия тарбия ё илм набуд. Вай барои донистани наҷоти Худованд ва инчунин додани таъинотҳои махсус, ки дар ҳаёт барои якҷоя бо Худованд рафтан заруранд, навишта шудааст.

Сарчашма ва мақсади навиштани Библия чист? (2Тимотиюс 3:15-16) ______________________________

___

Шахси якуми амалкунанда дар Библия кқ аст? Юҳанно 5:39.

___

___

Масеҳиён ба Каломи Навишта бояд чӣ гуна муносибат намоянд? (1Петрус 2:2) ___

___

Барои ҳамаи масеҳиён омӯхтани Библия ва донистани истифодабарии он дар ҳаёт муҳим аст. Дар ин дарс панҷ усуле ҳаст, ки барои суханони Библияро аз они мо гардонидан мувофиқат менамоянд. Панҷ усули омӯзиши Библияро ба панҷ ангушти даст қиёс кардан мумкин аст. Агар Библияро бо як ё ду ангушт гирем, афтондани он осон аст. Вале, агар ҳама ангуштонро истифода барем, Ӯро аз афтидан натарсида сахттар қапидан мумкин аст. Ин шабеҳи муносибати рӯҳонӣ низ ҳаст. Агар мо Навиштаро азёд мекунем, тадқиқ менамоем, мехонем, гӯш мекунем, дар болояш андеша меронем, ин вақт мо Библияро аниқ фаҳмида ва дар ҳаётамон истифода бурда метавонем. То ин ки Библияро дуруст қапида тавонем, бояд нарангушт ва дигар ангуштон дар ҳамоҳангӣ бошанд. ҳамин хел барои дуруст фаҳмидани Библия низ андеша дар болои Каломи Худованд бо гӯш кардану хондан ва тадқиқоту азёд кардан дар ҳамохангӣ  бояд бошад.

1. ***Гӯш кардан:*** **"Пас имон аз шунидани ваъз аст ва шунидани ваъз ба воситаи Каломи Худост" (Румиён 10:17)**

1) Кадом қалб беҳтар метавонад, Каломи Худовандро шунавад ва онро истифода намояд?

(a) Рӯҳи накӯю хуб.

(b) Рӯҳи бенуқсу бохирад.

(c) Рӯҳи кушода, вале хунсард.

(d) Бомантиқ ва хоҳишманди тадқиқ намудан.

2) Номаи якуми Таслуникиён 2:13 ва Аъмол 17:11 аз кадом мавқеъ ваъз гӯш карданро таълим медиҳанд. Дар ҳар як оят ба кадом мавқеъ ишора меравад?

___

___

Бештари масеҳиён Каломи эъломшударо мешунаванд. Вале манфиати зиёде онҳое оварда метавонанд, ки онро иҷро менамоянд. Мо бояд Каломи шунидаамонро дар ёд гирем, диққати махсус ба оятҳои иқтибос шудаи Библия ва лаҳзаҳои муҳими ваъз диҳем. Барои ин дафтаре омода созед, ва мухтасар навиштани мазмунро ҳамеша одат намоед.

2. ***Хониш:*** “**Хушо касе ки мехонад ва касоне, ки мешунаванд суханони ин нубуватро, ва он чӣ дар он навишта шудааст, риоят мекунанд, зеро ки вақт наздик аст” (Ваҳй 1:3).**

Ҳозир ҳар як кас метавонад, Библияро ёбад ва онро хонад. Вале лаззат бурдан аз ин меҳрубонӣ ба наздикӣ муҳайё гашт. Пештар ин гоҳ – гоҳ буд ва қиммат меафтод, чунки Библия дастнавис карда мешуд. Бо оғози кашфи китобчопкунӣ Библия чоп карда мешуд, вале ин қиммат меистод. Ғайр аз ин қисми зиёди Библия ба забони лотинӣ тарҷума шуда буд ва хондани он ба одамони оддӣ имконнопазир буд. Инчунин калисо барои ҳокимияти худро нигоҳ доштан, ба имондори оддӣ хондани Библияро манъ мекард.

1) Нависед, чаро хондани Библия ҳар рӯз зарур аст? (Такрори Шариат 17:19) ______________________________________________

______________________________________________________________

2) Маънии Ваҳйи Юҳанно 1:3-ро бо суханони худ нависед.

______________________________________________________________

______________________________________________________________

Бо вуҷуди он ки ин ҷо сухан дар бораи шунаво хондани Библия дар вақти ибодат меравад, вале дар замони мо, ки Библияро ёфтан осон аст, онро барои хониши шахсӣ истифода бурдан мумкин аст. Накшаи мунтазам хондани Библияро тартиб диҳед.

3. ***омӯзиш:*** “**Яҳудиёни он ҷо назар ба аҳли Таслуникӣ равшанфикртар буданд; бо иштиёқи комил Каломро гӯш мекарданд ва ҳар рӯз Навиштаҳоро санҷида мебаромаданд.” (Аъмол 17:11)**

1) Дар бораи он, ки мо аз кадом мавқеъ бояд Каломи Худовандро омӯзем, дар китоби Масалҳои Сулаймон чӣ гуфта шудааст?

______________________________________________________________

______________________________________________________________

2) Мақсади омӯзиши Библия аз чӣ иборат аст? (2 Тимотиюс 2:15)

______________________________________________________________

______________________________________________________________

Библияро бодиққат хондан беҳтар аз омӮхтани он аст. Хонда истода, ҳамаи он чизи наве, ки бароятон кашф мешавад, бояд нависед. Хондан нисбати омӯхтан тезтару осонтар аст. Вале омӯзиш барои андеша намудан ва дар хотир гирифтан имконият медиҳад.

3) Барои ононе, ки омӯзиши Библияро нав оғоз намудаанд, маводҳои зерини ёрирасон мавҷуданд (“**Библия бо тафсир”, “Луғати мухтасари Библия”, “Луғати фразеологӣ”**)

❖ Вале аз тафсири Библия канорҷӯи намоед. Бо вуҷуди он ки он ба Шумо ёрӣ медихад, вале ба ин тафсирҳо аз ҳад зиёд бовар карда, Шумо метавонед, побанди онон гардед.

4. ***Азёд кардан:*** "**Ба чӣ васила ҷавон роҳи худро покиза медорад? Бо нигоҳ доштани худ мувофиқи Каломи Ту. Сухани Туро дар дили худ ниҳон доштаам, то ки пеши Ту хато накунам." (Забур 118:9,11)**

1) Худованд аз мо нисбати Каломаш чиро хоҳон аст?
Такрори шариат 11:18 (қисми якум)

2) Дар Инҷили Матто 4:4,7,10 Исо чӣ тавр аз болои васвасаи Шайтон пирӯз мешавад?

______________________________________________

______________________________________________

3) Дар Нома ба Қӯлассиён 3:16 навишта шудааст: "**Бигузор Каломи Масеҳ андаруни Шумо ба фаровонӣ сокин шавад**" Ин суханон чӣ маънӣ доранд? ______________________________

______________________________________________

"То ин ки Каломи Худовандро дуру дароз дар ёд дорем, аз ҷудо кардани вақт барои азёд кардани оятҳои Библия дигар усули муфидтаре нест". (Дозэн Тротмэн)

4) Тартиб додани нақшаи азёдкунии оятҳои Библия ва иҷро кардани он лозим аст. То ин ки бо Калом фикратонро баён намоед, оятҳои Библияро якто – якто азёд намоед.

5) Лаёқати азёдкунии ҳар як одам гуногун аст. Бинобар ин барои ҳама чизро тамоман азёд намудан маҷбур кардан лозим нест. Вале азёд кардани оятҳои Библия, ки асоси ҳаёти масеҳианд, ҳатман лозим аст. Дар рафти таълими мазкур 22 ояте ҳаст, ки онҳо асосианд ва дар ёд доштани онҳо ҳар як масеҳиро ҳатмист. Ва мувофиқи лаёқататон боз бисёр дигар чизҳоро азёд кунед.

5. ***Андеша (Мулоҳиза)*** **"Хушо касе ки ба машварати шарирон намеравад ва дар тариқи хатокорон намеистад ва дар маҷлиси масхарабозон наменишинад; фақат ба шариати Худованд шавқ дорад …" Забур 1:1,2.**

Андеша кардан барои фахмидани Каломи Худованд ёрӣ мерасонад ва такроран фикр кардани имконияти онро дар ҳаётамон истифода бурданро дастрас мегардонад. Бинобар ин андеша кардан, чӣ будани иродаи Худовандро ба мо равшан месозад.

То ин ки, дар болои Калом андеша ронед, ба худ саволҳои зеринро диҳед.

1) Дар мазмуни матни додашуда Калом чӣ гуна маънӣ дорад? (Тафсири дуруст танҳо якто)

2) Каломи додашуда ба ҳаёти ман чӣ гуна таъсир мерасонад? (Усулҳои истифодабарӣ гуногунанд)

ҳар бор ваъзро шунида истода, ҳар рӯз дар вақти муайян Библияро хонда истода, Каломро амиқ тадқиқ кардаистода, Каломи азёд кардашударо такрор карда истода, ба худ ин ду саволро диҳед.

(a) Худованд ба ононе, ки мунтазам дар болои Каломи Ӯ андеша меронанд, чӣ ваъда додааст?

Забур 1:2,3 ____________________________________________

____________________________________________

Ёҳушаъ ибни Нун 1:8

(b) Дар болои оят аз Инҷили Луқо 6:45 фикр намоед. Шумо чӣ фикр доред, андеша дар болои Каломи Худованд метавонад ба суханон ва рафтори Шумо таъсир расонад? Агар ҳа, пас чӣ тавр

____________________________________________

(c) Мо бояд чӣ кор кунем, то Каломи Худовандро бо майли том хонда истода онро фаҳмем? Забур 118:18,73,125.

____________________________________________

Ҷадвали зерин метавонад одатҳои моро таҳлил созаду Библияро аз они мо гардонад. Хатҳои холиро пуркарда истода барои ҳадафҳои нав ибодат намоед.

| Усулҳо | Нақша барои ҳафта | ҳадафҳои нав ва нақша |
|---|---|---|
| гӯш кардан | | |
| Хондан | | |
| Омӯхтан | | |
| Дар хотир нигоҳ доштан | | |
| Андеша рондан | | |

Библия ба мо барои афзун намудани донишамон набуда, балки барои тағйир додани хаётамон мебошад. (Двайт Эл Муди)

Надонистани Библия маънии надонистани Исои Масеҳро дорад. (ҷером)

Ман пурра пурқиматии маълумоти олиро эътироф менамоям. Вале донистани Библия бе маълумоти донишгоҳӣ пурқимматтар аст аз маълумоти олӣ бе донистани Библия. Дар бораи одаме, ки дониши кофии Библия дорад, гуфтан мумкин аст, ки ӯ маълумот дорад. Ва инро бо ягон донишу таълимоти дигар иваз кардан мумкин нест.

(Вилям Лион Пэлпс)

Вохӯрии чорум

Ибодат

---

Супориш барои тайёрӣ

---

1) Ваъзи якшанбегиро нависед.
2) ҳар рӯз як бобӣ аз Инҷили Юҳанно 15-21 хонед.
3) Пешакӣ ба мавзӯи “**Ибодат”** омода шавед.
4) 2 Тимотиюс 3:16 ва 1 Петрус 2:2-ро азёд намоед.
5) ибодати ҳаррӯза (вақти иззату икром)-ро гузаронед.
6) Номи китоби Аҳди ҷадидро дар ёд доред.

Вохӯрии чорум

Ибодат

Вақти пурмазмун-ин ибодат дар бораи Каломи Худованд мебошад. Ибодат муносибати наздик бо Худовандро анҷом медиҳад. Худованд ба мо бо воситаи Библия гап мезанад, мо бояд ба воситаи ибодат ба Ӯ ҷавоб гардонем. Ба воситаи ибодат мо диламонро барои Худованд мекушоем. Ибодат-ин яке аз усули ошкоркунии қудрати Худованд мебошад. Дар муборизаи рӯҳонӣ танҳо тавассути ибодат пирӯз шудан мумкин аст ва танҳо ба воситаи ибодат иродаи Исои Масеҳ амалӣ мегардад. Инчунин ба воситаи ибодат қудрати Худовандро дидан мумкин аст, ки ҳаётро тағйир медиҳад. Имрӯз гуфтан мумкин аст, ки мо дар натиҷаи нобовариамон, наметавонем ин хел қудратро истифода барем. ҳавворихои калисоҳои аввалин чӣ тавр ибодат карданро медонистанд ва ба қудрати Худованд, ки таърихро иваз карда метавонад, бовар карда, амалҳои аҷоибро содир намуда метавонистанд. Дар хотир доред, имрӯз мо ҳам ба он Худое хидмат мекунем, ки он вақтҳо ин амалҳоро содир менамуд.

1. Ибодат чист?

Ибодат-ин муносибат бо андешаҳои худ бо Худованд мебошад. Ин сӯҳбати Худованди пурмуҳаббат бо масеҳӣ аст. Ҳамчун фарзандони

Худованд мо метавонем бо боварии қатъӣ ва матонат ба тахти баракат майл намоем. (Ибриён 4:14-16).
Барои аниқ донистани он, ки ибодат чист, бояд тасаввуроти умумии нодуруст оид ба ибодатро донем.
1) Ибодат-ин ба фикру хаёли чуқур рафтан нест, ки дар алоҳидагӣ ё танҳоӣ бо он машғул мешавӣ. Ибодат ин онест, ки мо ба Худованди зинда боло мебароем.
2)Ибодат кардан аз талаб кардани боисрори дигар динҳои ҷаҳон аз Худоҳо фарқ мекунад. Одамони ба Исои Масеҳ имон дошта метавонанд, ибодат намоянд ва танҳо бо номи Ӯ.
3) Ибодат ин талаби яктарафаи хоҳиш нест. Мақсади ибодат амиқ гаштани муносибат бо Худованд мебошад.
4) Ибодатро на танҳо вақти хидматгузорӣ ба Худо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ мегузоранд; ибодат дар утоқи хурдакак сар мешавад. (Матто 6:6)
5) Ибодат-ин такрори бемаънии ким кадом суханони динӣ намебошад. Ибодат ин додани мундариҷаи мушаххас мебошад. (Матто 6:7)
То ин ки тасаввуроти нодуруст дар бораи ибодат пайдо нашавад, бояд инро омӯзем:

2. Ба кӣ мо ибодат менамоем

1) Бо Рӯҳулқудс аз номи Исои Масеҳ ба Падар- Худо мо ибодат менамоем. Ба воситаи Исои Масеҳ ибодати мо самарабахш мегардад ва тавассути Рӯҳулқудс ба Худо -Падар дода мешавад. Бинобар ин ба кадом ҳақиқат бояд шахси ибодаткунанда аввал бовар намояд?
(Ибриён 11:6) ____________________________________________
____________________________________________________________

Азбаски Худо дар се шахс ягона аст, пас ба Исои Масеҳ ва хамин тавр ба Рӯҳулқудс ҳам ибодат кардан мумкин аст. вале дар намунаи Библиявии нишондодаи Исо танҳо ба Худо ибодат менамоянд.
Миёнарави мо дар вақти ибодат кӣ мешавад?
Румиён 8:34 ____________________________________________
Румиён8:26-27 __________________________________________

3. Кӣ ибодат карда метавонад?

1) Одамоне, ки ба Исои Масеҳ тааллуқ доранд. ҳатто ба рӯҳи дигар бовар кардаистода одам беихтиёрона ба Ӯ ибодат менамояд. Вале аз паси ин ибодат беозор хавфу хатар мавҷуд аст. Одаме ба тарзи

ҳақиқӣ ибодат карда метавонад, ки ӯ дар Исои Масеҳ фарзанди Худованд мебошад.

2) Одамоне, ки дар ном ва ҳукми Исоанд.

(a) Исо мегӯяд, ки танҳо Ӯ ягона роҳест, ки ба назди Падар мебарад. (Юҳанно 14:6)

(b) Исои Масеҳ ягона миёнаравест миёни мову Худованд. (1Тимотиюс 2:15)

(c) Исо ваъда медиҳад, ки ҳама чизи бо номи Ӯ хоҳиш мекарда-амонро медиҳад. Аз номи Ӯ ибодат кардан, ин бештар аз он аст, ки ба тақдири хушбахтона умед бандем.

Ин маънии онро дорад, ки мо дорои ҳокимияту қудрати Исои Масеҳ гашта, метавонем ҷасурона ба Падар муроҷиат намоем. Мо ба номи худ такя накарда рост аз номи Ӯ муроҷиат менамоем. (Юҳанно 14:14)

4. Барои чӣ ибодат намудан лозим аст?

1) Барои бо Худо сӯҳбат намудан ва бо Ӯ дар алоқаи мустаҳкам будан. Барои муносибати пурмуҳаббатро дастгирӣ намудан ибодат кардан лозим аст, Худованд интизор аст, ки мо назди Ӯ бо ибодат ҳозир мегардем. Ва он чӣ, ки Ӯ бо мо дар муносибат буданро мехоҳад, далели ҳайратангезест.
2) Барои Худоро ситоиш кардан. (Юҳанно 14:13)
3) Барои рӯҳонӣ рушд намудан. Чунонки барои инкишофи кӯдак хӯрок лозим аст, барои рушди рӯҳонии мо ғизои рӯҳонӣ лозим аст. Ибодате, ки дар бораи мушкилиҳои мо ба Худо нақл мекунад ва аз Ӯ ба воситаи Калом ҷавоб мегирад, расонандаи муҳими ғизои рӯҳонқ мебошад. Агар мо ибодат наменамоем, қудратамонро, ҷасоратамонро барои ҳаёти пирӯзманд, ки барои шаҳодати Исои Масеҳ лозим аст, аз даст медиҳем ва дар анҷом ба бемории пурраи харобӣ гирифтор мегардем.
4) Барои он ки Нақшаҳои Худоро амалӣ гардонем. Ибодат ин усули муқаддаси мудохилакунист, ки барои ба анҷом расонидани корҳои бузурги Худованд дар рӯи замин аст. Дар Библия амалҳои аҷибе зикр ёфтаанд, аз қабили; тавассути ибодат иваз шудани боду ҳаво, кушода шудани ҳабсхонаю озод шудани одамон. Худованд ҳозир ҳам монанди пештара ба ибодат ҷавоб медиҳад. Ибодат бисёр шаҳодатҳоро дар бораи мавҷудияти Худои зинда нишон медиҳад.
5) Барои хоҳиши худро нишон додан. Тавассути ибодат мо метавонем хоҳиши худро назди Худованд кушоем. (Филиппиён 4:6-7)

5. Кай бояд ибодат кард?

1) Монда нашуда ибодат кардан лозим аст. Бо сабаби амиқии муносибат бо Худованд, ба ҳодисаҳои рӯзмарраи рухдода нигариста, ҳамаи ин корҳоро бо Худованд бо ҳам дидан лозим аст.
2) Ҳар рӯз вақти махсусе бояд ҷудо кард. Муроҷиат кардан ба Худо тавассути ибодат, андеша рондан дар болои Каломи Ӯ, истифодабарии он дар ҳаёт, хеле муфид аст.

Инро “**вақти иззату икром”** (Quiet time) меноманд.

3) Дар ҳаёти беибодати масеҳӣ ҷои муҳимро ибодати гурӯҳӣ ишғол менамояд. Дар ибодати дар шакли сӯҳбат як одам метавонад кӯтоҳакак дар бораи чизи муҳиме ба Каломи Худованд такя карда муроҷиат намояд. Инчунин бо як овоз ҳам ибодат кардан мумкин аст. (Аъмол 1:14)

6. Дар бораи чӣ бояд ибодат кард?

Чӣ тавре, ки дар дасти мо панҷ ангушт ҳаст, ҳамин тавр дар ибодат низ, ки мо ду кафро бо ҳам гузошта ба ҷо меоварем, панҷ унсури асосӣ мавҷуд ҳаст. Агар онро ҳамчун сармашқ истифода мебарем, он барои ба вуҷуд овардани такягоҳ барои ҳаёти боибодату бонизоми мо ёрӣ медиҳад.

1) Мадҳ: Ин эътирофи хислату хусусиятҳои Худованд аст. муҳаббати Ӯ, қудрати Ӯ, шоистагии Ӯ ва тӯҳфаи аҷоиби Ӯ - Исои Масеҳро мадҳу ситоиш намоед. Чи тавр мадҳу ситоиш бояд намуд? (1Вақоеънома 29:11)

---

Ишаъё 59:1-2

2) Тавба кардан: Гуноҳҳоямонро назди Худованд дарк намудан ва барои ин назди Ӯ барои ин тавба кардан. Кушодадил ва фурӯтан бошед. Худованд мисли пештара Шуморо дӯст медорад, қатъиятро аз даст надиҳед. Чаро тавба кардан мухим аст? 1 Юҳанно 1:9

---

Забур 32:5

3) Шукргузорӣ: Ба Худо барои он ҳама чизе, ки ба мо дод, шукргузорӣ бояд намуд, ҳатто барои он чизе, ки ба мо маъқул нест. Ба воситаи чунин ҳаёти сипозгузор Шумо метавонед ҳадафи Худовандро боз беҳтар донед.

Эфсӯсиён 5:20.

Забур 99:4.

4) Миёнаравӣ: Вазъияти дигар одамонро дониста, аз Худо дар бораи эҳтиёҷоти онҳо пурсидан. Мундариҷаи ибодати миёнаравӣ чӣ гуна аст?

Қӯлассиён 1:9-12
Қӯлассиён 4:2-4
Яъқуб 5:16
1Тимотиюс 2:2

5) Суботкорӣ дар талабидан: Аз Худованд чизи лозимиро талабидан. Ин хоҳиши махсус аст. Чӣ тавр талабидан лозим аст?

Матто 7:7-8
Яъқуб 4:2-3

7. Чӣ тавр бо боварии қатъи ибодат кардан мумкин аст?

1) Зиндагӣ намоед.

Агар мо ба Худо итоат менамоем, агар Каломи Ӯ дар мо зиндагӣ менамояд, мо талабида метавонем, он чизеро, ки барои мо лозим аст. Чунки хоҳиши мо иҷрошавии хоҳиши Худованд аст. Дар Ӯ зистан маънии онро дорад, ки барои гуноҳҳо тавба менамоем ва ҳаёти пурқиммати Худованд истифода мебурдагиро аз сар мегузаронем.

Ҷустуҷӯ намоед

Мо бояд чӣ кор кунем, то ба ибодатамон ҷавоб гирем?
Яъқуб 4:2-3.
Юҳанно 14:14, 16:24

2) Имон оваред.

Исои Масеҳ чӣ гуна ваъда дод? (Матто 21:22)

_______________________________________________

_______________________________________________

Худованд аз мо имони бузургро талаб менамояд. Мо танҳо бояд ба Худованди бузург бовар намоем. ҳаёти боимонро танҳо одамони итоаткор паси сар намуда метавонанд. Ба Худо, ки имондор буданро амр нанамудааст, итоат нанамуда, ҳаргиз одами имондор шудан мумкин нест.

Бо имон мо ба ибодатамон ҷавоб мегирем. Дар Исои Масеҳ зери сарварии Рӯҳулқудс зиста, Каломи Худованду иродаи онро пайгирӣ намуда, ибодат кардаистода ва бовар намудаистода, ки Худованд ба ин ибодатҳо ҷавоб мегардонад, мо барои қабул намудани ҷавоб омода мешавем.

Вохӯрии панҷум

Муносибат

---

Супориш барои тайёрӣ дидан

1. Ваъзи якшанбегиро нависед
2. Нома ба Филиппиёнро хонед.
3. Пешакӣ ба мавӯи “**Муносибат”** тайёрӣ бинед.
4. Инҷили Юҳанно 15:7 ва Нома ба Филиппиён 4:6–ро азёд намоед.
5. “**ибодати ҳаррӯза”** (вақти иззату икром)-ро гузаронед.
6. Номи китоби Аҳди ҷадидро такрор намоед.

Вохӯрии панҷум

Муносибат

Муносибат, ин вақте ки одамон вомехӯранду байнашон муносибатҳои дӯстона барқарор мешавад. Чунин муносибат ба масеҳӣ низ лозим аст. муносибати масеҳӣ нисбати муносибати дунявӣ хусусиятҳои худро дорад. Муносибати оддӣ аз масофаи муайяни байни одамон сар мешавад. Вале муносибати масеҳӣ аз салибе сар мешавад, ки девори байни одамонро барҳам задааст. (Эфсӯсиён 2:13-14)

Бинобар ин муносибати масеҳӣ танҳо дар калисо аз салиб оғоз ёфта имконпазир аст. Ин калисо бино ва ё ташкилот нест, балки бадани Масеҳ аз масеҳиён ташкилёфта мебошад. Бинобар ин муносибати ҳақиқӣ он ҷое оғоз меёбад, ки масеҳиён якҷоя ҷамъ шуда, Худовандро хидмат мегузоранд ва тавассути хидматгузорӣ комил мегарданд.

1. Муносибат тавассути хидматгузорӣ

Бисёр одамон, ки барои хидмат ба калисо мераванд, чунин мешуморанд, ки мақсади хидмат гузоштан шунидани ваъз мебошад. Гарчанде, ки шунидани ваъз қисми муҳими хидматгузорӣ шумурда шавад ҳам, вай мақсад шуда наметавонад. ҳулласи гап хидматгузорӣ на барои мо, балки барои Худованд ба ҷо оварда мешавад ва ҳадафи он ин аст, ки масеҳиён бояд якҷоя ҷамъ шуда хидмати Худовандро ба ҷо оранд.

1) Худованд тавассути хидматгузории мо чиро дастрас кардан мехоҳад? (Ибодат 10:3)
2) Барои гузаронидани хидмати ҳақиқӣ, беш аз ҳама мавқеъи дурусти одамон лозим аст.

Дар Инҷили Юҳанно 4:24 гуфта шудааст, ки Худовандро бо рӯҳ ва ростӣ бояд парастиш намуд. Пас вобаста ба ин суханон мавқеи рӯҳонии парастишкунанда бояд чӣ хел бошад?

(a) Дар Забур 95:6 ва Китоби Воиз 5:1-2 ба мавқеи берунаи одамони парастишкунанда ишора карда мешавад.

3) Барои хидматгузории мураккаб зарурият нест.

Ин бояд чунин вақте, шавад, ки ба Худованд рӯҳу ҳаётамонро додаистода, бояд бо Ӯ як шавем.

(a) Дар Аъмол 2:42 ба чор омили муҳими ба хидматгузорӣ лозим ишора карда мешавад. ҳар кадоми онон чӣ маънӣ доранд?

________________________________________________________________________

________________________________________________________________________

(b) Фикр кунед, ғайр аз ин боз чӣ ба хидматгузорӣ бояд ворид гардад? (1Вақоеънома 16:29, Қӯлассиён 3:16, Забур 47:1-2,5)

________________________________________________________________________

________________________________________________________________________

4) Унсури аз ҳама муҳим дар хидматгузории Худованд мадҳ мебошад.

(a) Тавассути мадҳу ситоиш мо боварии пурраамонро ба Худованди моро наҷотдода изҳор менамоем бо ин, ба ҳуҷумҳои шайтон муқобилият зоҳир менамоем, сипари имонро бардошта қудрати Худовандро нишон медиҳем.

(b) Мадҳу ситоиш имконият медиҳад, ки Рӯҳулқудс озодона дар ҳаёти мо амал намояд. Баъзе вақт мадҳу ситоиш таассуроти навини Ӯро пешакӣ мефаҳмонад.

(c) Мадҳу ситоиш дар иттиҳоди ҳама ҳақиқатҳои масеҳӣ ҳиссаи калон мегузорад.

(d) Мадҳу ситоиш рӯҳи моро нисбати Худованд ҷалб гаштан кӯмак мерасонад ва барои Ӯ роҳ омода месозад, то дар қалбҳои мо муҳаббаташро саршор намояд.

(e) Мадҳу ситоиш – ин забони ҳокимияти осмонист, бинобар ин мо бо ёрии мадҳу ситоиш намудан метавонем ҳокимияти осмонро ҳис намоем.

2. Муносибат байни шогирдон

Одаме ҳаст, ки гуфтааст: “**ҳамаи одамони рӯи замин, ки дар остонаи салибанд, баробар мебошанд**” Агар ин дуруст аст, пас ҳамаи

масеҳиён, ҳамчун аъзоёни оилаи Худованд имтиёз доранд, ки аъзоёни наздик гарданд. Мо аз дигар одамон омӯхта истода бояд ҳаваси мардонагиро дар якдигар пайдо кунем. Вақте ки масеҳиёни дар як йой ҷамъомада якдигарро дастгирӣ менамоянд, муносибати ҳақиқии шогирдон ба амал меояд. Агар мо худро аз дигар масеҳиён ҷудо менамоем, муносибати масеҳӣ номумкин мегардад. Худованд мехоҳад, ки дар калисоҳои ноҳиявӣ, дар оилаҳои имондорон ҳама масеҳиён бояд аъзоёни фаъол бошанд.

1) Бояд дарк намуд, ки мо узвҳои як баданем. "**Ҳамчунин мо, ки бисёрем як баданро дар Масеҳ ташкил мекунем, аммо ҳар яке ба танҳоӣ андоми якдигарем" (Румиён 12:5)**

ҳама масеҳиён узви якдигар мегарданд. Павлус инро ба бадани инсон қиёс намуда шарҳ додааст. 1 Қӯринтиён 12:14-26-ро хонед. Аз Каломи додашуда хулоса бароред. (1 Қӯринтиён 12:27)

__________________________________________________________

__________________________________________________________

Бадан на аз аъзоҳои дар алоҳидагӣ ҷамъ карда шуда иборат аст, балки бадан бо аъзоён мавҷуд мебошад. ҳамин тавр масеҳӣ низ одамони алоҳидаро ҷамъ намуда бадан – калисоро ташкил карда наметавонад, вале вақте ки ҳар кас масеҳӣ мешавад, ӯ узви бадани Масеҳ мегардад ва калисоро ташкил менамояд. Гарчанде гуфта мешавад, ки бадани Масеҳ масеҳиёни ноайёнанд, вале дар бисёр ҷойҳои Библия шарҳ дода мешавад, ки бадани Масеҳ ин ишора ба калисоҳои мушаххаси ноҳиявӣ мебошад. Бинобар ин масеҳиёне, ки вориди калисоҳои муайяни ноҳиявӣ мегарданд, бояд дар ҳаёти ӯ ширкат варзанд. Ва ҳамчун аъзои як бадан хурсандона супоришҳои додашударо бар дӯши худ гиранд.

2) Бо Худованд дар ягонагӣ бояд буд.

"Як Бадан ҳаст ва як рӯҳ, чунон ки шумо низ ба як умеди муайян даъват шудаед" (Эфсӯсиён 4:4)

Сеҳру ҷодугарӣ бо фиребу найранг иттиҳоди масеҳиёнро вайрон мекунад. Вай дар байни аҳкоми динии беақлонаю нодурусти калобашуда нуфузи калон дорад. Дар Библия қудратеро ошкор кардан мумкин аст, ки лаёқати истодагарӣ зидди фиреби сеҳру ҷодуро дорад. Бо Исои Масеҳ рӯҳан як гашта дорои ин қудрат гаштан мумкин аст. Дар боби 17-и Юҳанно Исо дар вақти ибодат аз Падар хоҳиш менамояд, ки шогирдонро муттаҳид гардонад, онҳо ягона шаванд. "**Эй Падари Муқаддас! Инҳоро ки ба ман додаӣ, ба исми худ нигоҳ дор, то ки як бошанд, чунон ки мо ҳастем" (Юҳанно 17:11) Ягонагии масеҳиён мавҷудияти Башоратро дарак медиҳад. Ва ин ҳақиқат**

**инро низ дар бар мегирад: Худо дар Масеҳ буда, аҳли ҷаҳонро бо Худ мусолиҳа дод" (2 Қӯринтиён 5:19).**

Исои Масеҳ-Худованд бо симои одамӣ ба замин омадааст. Ӯ бо Худо ягона буд ва ҳоло низ ягона мебошад. Агар ягонагӣ дар бадани Масеҳ вайрон гардад, беҳтарин ваъз ба беимонон ин гуфтани он аст, ки Исо Худованд мебошад. Дар калисо дар бораи мӯътақид гардидани беимонон ба он ки Исо Худованд аст, омили асосӣ ягонагӣ, аниқтараш ягонагии ирода ва мақсад байни одамон мебошад. (Юҳанно 17:21) Куҷо, ки одам набошад, ӯ онҷо акси садои набудани ягонагиро мебинад.

Бинобар ин чунин ҳақиқат барои Ӯ аҷоиб менамояд. Вақте ки беимонон ягонагии сидқиро мебинанд, рӯҳи онҳо низ дар ин чорабиниҳо, ки пур аз муҳаббат аст, иштирок кардан мехоҳад.

3) Хислати хусусии ҳар як одамро фаҳмидан лозим аст. "**Аммо ба ҳар яке аз мо файз ба андозаи атои Масеҳ бахшида шудааст" (Эфсӯсиён 4:7)**

Бо вуҷуди он ки масеҳиён бо Масеҳ як шуданд, вале дар байни онҳо тафовутҳои зиёде ҳаст. Вақте ки мо ин фарқиятро мефаҳмем, он вақт мо бадани Масеҳро ташкил карда метавонем.

1) Ҳадяҳои гуногун

Гарчанде мо наҷотро дар Рӯҳулқудс соҳиб гаштаем, вале ҳадяҳои рӯҳ хеле гуногуншакланд. Ба яке лаёқати ёрӣ расонидан, ба дигаре лаёқати омӯзгорӣ, ба саввумӣ забони хориҷӣ, боз ба дигаре дарк намудани рӯҳ. Ин фарқияти ҳадяҳо на барои қиёс кардананд ва ё муҳокима рондан, балки барои ананд, ки онҳоро байни ҳам якҷоя гардонида бадани Масеҳро ташкил кард.

2) Сатҳи гуногуни имондорӣ.

"Касеро, ки дар имон суст аст, қабул кунед бе он ки дар бораи ақидаҳо мубоҳиса намоед" (Румиён 14:1)

"Касе, ки мехӯрад, набояд он касро, ки намехӯрад, хор шуморад, ва касе, ки намехӯрад, набояд он касро, ки мехӯрад маҳкум кунад; Чунки Худо Ӯро қабул кардааст" (Румиён 14:3)

Агар мо масеҳиёни комил бошем, бояд аксуламали бародарони масеҳиямонро, ки имондориашон ҳоло чандон қавӣ нест, тез ҷавобгӯ бошем. То ин ки онҳо қафо нагарданд, ба гуноҳ ғӯттавар нашаванд, амали мо бояд эҳтиёткорона бошад. Агар бошандагони калисои ноҳиявӣ ба ин диққати зарурӣ диҳанд, ин калисо ягона мешавад.

3) Ҳамаи одамон индивидуалианд (хусусиятҳои хос доранд)

Агар дар калисо майл, муҳаббати махсус, фарқият ҳаст, пас ин мухолифи қонуни Худованд аст ва вазифаи калисоро вайрон менамояд.

Мо ҳама дар Исои Масеҳ ягонаем. Бой ё камбағал, пир ё ҷавон, зан ё мард – бе ягон фарқият мо ҳама дар Масеҳ ягонаем ва дар Масеҳ фарқиятҳо набояд бошанд. Агар мо аз рӯи зоҳирӣ интихоб намоем, пас мо ягонагию ҳамоҳангӣ ва ризоияти бадани Масеҳро вайрон менамоем.

Вобаста ба Эфсӯсиён 2:11-22. Вақте ки одамон тавассути хуни Исои Масеҳ ба Худованд наздик мешаванд, ҳамаи деворҳои ирқию, миллию, динӣ аз байн бардошта мешавад. Одамони пештар мухолифбудаю имрӯз аъзои бадани Масеҳгашта дорои осоиш мегарданд. ҳамаи бошандагони калисо ба Худованд якхела наздик шуда метавонанд.

Чунки дар ҳама рӯҳи ягона мезияд. Мо ҳама ба Маъбади Муқаддас табдил меёбем, ки он ҷо рӯҳи Худованд мезияд.

4. Ҳамдигарро бояд дӯст дошт.

**“Ба Шумо ҳукми тозае медиҳам, ки якдигарро дӯст доред; чунон ки Ман Шуморо дӯст доштам, шумо низ якдигарро дӯст доред” (Юҳанно 13:34).** Ин хоҳиш вазифаи калисоро шарҳ медиҳад ва боз бо як мантиқи монанд шинос мекунад. Дар фаҳмиши оила ғамхорӣ, гармӣ, самимият ва садоқат ворид мешаванд. Муҳаббати бародарона ин муҳабаббатест, ки ҳар як аъзои оила бояд онро дошта бошад. Яъне масеҳиён дар калисо якдигарро бояд чун хоҳару бародар дӯст доранд. Мо оилаи Худовандем. Мо ҳама аз сари нав ҷовидонӣ дар оилаи Худованд тавлид ёфтаем.

1) Муносибати ҳақиқӣ бе суханони оддӣ бо чӣ бояд тасвир ёбад? (1. Юҳанно 3:18)

____________________________________________________________

____________________________________________________________

2) Ин гуна муҳаббатро калисоҳои аввалин чӣ гуна ифода намуданд? (Аъмол 4:32)

____________________________________________________________

5. Соҳиби эҳсони калисо бояд буд.

“Бинобар ин ҳамдигарро тасаллӣ диҳед ва якдигарро обод кунед, чунон ки низ мекунед” (1ТаслӮникиён 5:11)

Павлус ба ТаслӮникиён бо истодагарӣ дар бораи муҳаббат ва якдигарро фаҳмидан таъкид менамуд. Онҳо муҳимияти маслиҳатҳои ҳамдигарӣ, пешгирӣ ва ҳамдардиро дарк намуданд. Инчунин чӣ тавр муҳим будани дастгирӣ ва баланд бардоштани рӯҳияи якдигарро онҳо дуруст дарк намуданд. Чунки ин ҳақиқати Худованд аст. **“Валекин мо бояд ҳамеша Худоро барои Шумо, эй бародарони маҳбуби Худованд, шукргузорӣ намоем, ки Худо аз ибтидо ба василаи**

**такдиси рӯҳ ва имон ба ростӣ шуморо барои наҷот баргузидааст". (1 ТаслӮникиён 2:13)**

Барои расонидани Калом ба одамон, ки ба маслиҳатҳо эҳтиёҷманданд, омода бояд буд. Библияро надониста, аз он ба одамон маслиҳат додан имконнопазир мебошад. Барои ин ҳар як имондор набояд дар алоҳидагӣ рушд намояд, балки ба рушду камоли дигар одамон низ ёрӣ бояд диҳад. Сидқан Каломи Худовандро бояд омӮхт, то ин ки дар якҷоягӣ бо тамоми калисо рушд намуд.

Хулоса

ҳамаи одамоне, ки бадани Масеҳ гаштаанд, барои гул-гул шукуфии калисо бояд фидокор бошанд. Калисо бояд коллективи одамоне гардад, ки ба Худою Каломи Ӯ имон доранд, якдигарро дӯст медоранд, хоҳиши наҷоти одамонро доранд, инчунин мехоҳанд муносибати дӯстона бо Худою ҳамсояҳо дошта бошанд. Ва Исо ҳам, ки дар замин зиндагӣ мекард, дар ин бора ибодат менамуд. "**Танҳо барои онҳо илтимос намекунам, балки низ барои касоне, ки ба василаи каломи онҳо ба ман имон хоҳанд овард. То ки ҳама як бошанд: Чунон ки Ту, Эй Падар, Дар Ман ҳастӣ ва Ман дар Ту, онҳо низ дар мо як бошанд, -то ҷаҳон имон оварад, ки Ту маро фиристодӣ" (1Юҳанно 17:20-21)**

***Вохӯрии шашум***

Воизӣ

---

Супориш барои тайёрӣ дидан

1. Ваъзи якшанбегиро нависед.
2. Номаҳои якум, дуюм, сеюм ба Юҳанно ва Нома ба Ибриёнро хонед.
3. Пешакӣ ба мавзӯи "**Воизӣ"** омода шавед.
4. Нома ба Румиён 12:4-5 ва Инҷили Юҳанно 13:34-35-ро азёд намоед.
5. "**ибодати ҳаррӯза" ("Вақти иззату икром")-**ро гузаронед.
6. Номҳои китобҳои Аҳди қадимро аз ҳастӣ сар карда то Масалҳои Сулаймон дар ёд нигоҳ доред.

Вохӯрии шашум

Воизӣ

Худованд пас аз офаридани тамоми мавҷудоти зинда дар рӯи замин ба одам вазифаи муҳимро дод “**Ва Худо онҳоро баракат дод, ва Худо ба онҳо гуфт, “Борвар ва афзун шавед, ва заминро пур кунед, ва онро тасарруф намоед, ва бар моҳиёни баҳр ва бар паррандагони осмон ва бар іар ҳайвоне, ки бар замин мехазад, ҳукмрон бошед” (ҳастӣ 1:28)** ин таъинот-амри воломақом аст ва онро Худованд ба одамон додааст; ба имондорон ва беимонон, ба мардон ва занон. Масеҳии ба Худованд-Офаридгор имондошта нисбат ба дигар одамон бояд бештар ин таъинотро амалӣ гардонад.

Пас аз таъиноти Худро дар салиб амалқ кардан ва аз сари нав эҳё гаштан Исои Масеҳ ба шогирдон чунин вазифа супорид: **“Пас биравед, ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед. Ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба Шумо фармудам, ба ҷо оваранд: ва инак ман ҳаррӯза то охирзамон бо Шумо ҳастам. Омин” (Матто 28:19-20).**

“Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар Шумо нозил шавад, қувват хоҳед ёфт ва дар Ерусалим ва дар тамоми Яҳудо ва Сомария ва то ақсои дунё шоҳидони Ман хоҳед буд” (Аъмол 1:8)

Ин таъиноти махсусест, ки танҳо ба имондорони Исои Масеҳ дода шудааст. Бинобар ин одамоне, ки Исои Масеҳро ҳамчун Худованд эътироф менамоянд, бояд ин таъинотро итоат намоянд.

1. Муносибат ба дунё

Танҳо мавқеи библиявиро вобаста ба ин дунё дониста истода метавон башоратро ба дунё ваъз кард (маъруфӣ кард)
Дар муносибати байни калисою дунёи онро иҳотакарда се мавқеъро қайд кардан мумкин аст.
1) Муқобилгузорӣ, муқоисакунӣ.
2) Гузашткунӣ.
3) Пурра тағйирёбии итоаткорона.
Дар байни ин се мавқеъ, солимтаринаш, ки масеҳӣ бояд онро интихоб намояд-ин пурра тағйирёбӣ аст. Масеҳӣ ин пеш аз ҳама одамоне ҳастанд, ки аз ин замин баромадаанд ва ба калисо даъват гаштаанд. Аз ҷониби дигар масеҳиён ин одамоне ҳастанд, ки аз калисо баромада бояд ба дунё раванд. “**ҷое ки Худованд он ҷо дар рӯи замин зиндагӣ**

**мекунад, бинои аз ин дунё ҷудо кардашудае нест, балки байни одамони ба ин дунё фиристодашуда мебошад”. (Томас Гилести)**

2. Муносибат бо корҳои дунявӣ

Худованд на танҳо ба корҳои мо дар калисо майл дорад. Вай инчунин ба чӣ тавр мо ибодат менамоем, Библия мехонем, мадҳу ситоиш менамоем, хонаамонро чӣ тавр ранг менамоем, дар мактаб чи гуна дарс медиҳем мароқ дорад. Худованд корҳои “**дунявӣ”** ва “**муқаддасро”** маҳдуд намесозад, чунки ҳама дар зери ҳукми Ӯ мебошанд. Мо онро, ки Худованд моро аз ҳаётамон даъват намудааст, дарк менамоем ва бояд бо ҳама амаламон Худовандро ситоиш намоему баҳри одамон хизмат намоем. Ба ҷои гуфтани он, ки “**Ман роҳиб нестам, ман дуредгарам”,** беҳтараш гуфтан лозим **“Ман бо ҳунари дуредгарӣ кори роҳибиро иҷро менамоям”**

1) Ҳастӣ 3:17-18-ро хонед. Натиҷаи гуноҳи Одам чист? Кор ин натиҷаи гуноҳ кардан нест. Кор ин шарти офаридагорист. Натиҷаи одам собит месозад, ки оқибати нодуруст иҷро кардани супоришҳои муқаддаси Худованд, ғаму ғӯсса меоранд.

4) Масеҳиёни наҷотёфта ба корҳои дунявӣ бояд чӣ гуна иртибот дошта бошанд? (Қӯлассиён 3:23)

Масеҳие, ки дар Масеҳ махлуқи дигар мешавад, бояд назараш ба корҳои дунявӣ тағйир ёбад.

Масеҳиёне, ки воизии башоратро мекунанд, бояд он ҷамъиятро, ки дар он зиндагӣ менамоянд, хуб донанд ва бо рағбату масъулияти баланд паси иҷрои вазифаашон гарданд. Танҳо чунин одамон метавонанд Инҷилро дуруст тарғиб намоянд.

Воизи башорат

Масеҳиёне, ки дар Масеҳ зиндагӣ менамоянд, бояд сарвати ҳаёти рӯҳонии худро бо дигар одамон бо ҳам бинанд, то ин ки онҳо низ аз ин лаззат баҳравар гарданд. Пеш аз он ки ба суханони тарғибшудаистода бештар боварӣ ҳосил шавад, мо бояд ҳаёти пуриззату икромро паси сар намоем. Барои пурмаҳсул гардонидани инҷилкунонӣ инчунин омӯхтани усулҳои асосии фаъолияти воизӣ лозим аст. Тайёрии мувофиқро гузашта, таҷрибаи воизии башоратро ҷамъ карда, мо метавонем яроқи пурқуввате дар дасти Худованд гардем.

Шоҳидон бояд муфассал дар бораи вазъи амали мазкур нақл намоянд. Шоҳидон бояд ба одам он чизро, ки дар бораи Исо медонанд

бо ҳам бинанд ва дар бораи ҳаёти ба Исо ҳамчун шахсият боваркардашон нақл намоянд.

1) Андриёс пас аз вохӯрӣ бо Исо дар навбати аввал чӣ кор кард? Юҳанно1:40-42
2) Ва Павлус ба одамон чӣ гуфт? (Аъмол 22:15)

3) Аз рӯи суханони Павлус ӯ аз чӣ шарм намедорад? Чаро ӯ гуфт, ки аз ин шарм намедорад?

1. Воизӣ тавассути ҳаёт

1) Чӣ тавр мо фарзандони Худо дар ин дунёи дағалу вайроншуда бояд зиндагӣ намоем? (Филиппиён 2:15)

Мо дар ин дунё Чӣ гуна бояд бошем?

2) Дар Инҷили Матто 5:16 одамон чиро дида мефаҳманд, ки ҳаёти Масеҳӣ нур мегардад? Натиҷаи он чӣ гуна аст?

| | |
|---|---|
| Шумо ҳар рӯз дар саҳифае номаи башоратро бо амалу суханони худ менависед | Он чизеро ки Шумо навиштаед, одамон мехонанд. “Дурӯғ” ё “ҳақиқат” кадом башоратро Шумо тарғиб менамоед. |

2. Воизӣ бо даҳони кушода

1) Нобинои тавассути Исо шифоёфта ягон тайёрии пешакии динӣ надошт. Бо вуҷуди он ӯ хеле нозуку самаранок шаҳодат дод. Ӯ дар бораи чӣ нақл намуд? (Юҳанно 3:25)
2) Номаи якуми Петрус 3:15 - ро хонед.

1. Мо дар навбати аввал бояд чӣ кор кунем, то ин ки ба дигар одамон дар бораи Исои Масеҳ шаҳодат диҳем?
2. Дар қалби мо чӣ гуна умед, ҳаст?
3. Чӣ бояд кард, ки одамон ба он умеде, ки дар қалби мо зиндагӣ дорад, майл намоянд?
4. Мавқеъи мо дар вақти ваъз гуфтан чӣ гуна бояд бошад?

3. Санъати воизӣ

Исои Масеҳ ба замин омад, то одамони гумроҳшударо ёбад ва наҷот диҳад. Азбаски Исо дар мост, мо метавонем аз Ӯ хоҳиш намоем, то барои ваъз гуфтани мо ҷасорат бахшад. ҳар боре, ки мо бо одамон мешавем, бигузор ин вақти кӯтоҳаке бошад ҳам, мо бояд дар ёд орем, ки ин вақту ин ҷой ба мо барои воизии хабари хуш дар бораи муҳаббат

ва авфи Худованд ҷудо карда шудааст. Тавассути воизии мо оиди башорат дар одамон бояд хоҳиши бахшидани ҳаёташон ба Исои Масеҳ тавлид ёбад. Ва ноумед нашавед, агар баъзеҳо Исоро ҳамчун Худованди худ қабул наменамоянд, зеро ин аллакай ташвиши худи Худост. Вазифаи мо бошад бо муҳаббату диққати сидқӣ ба одамон воизии Инҷил аст.

Вобаста ба вазъият санъатҳои (стратегияи) зеринро истифода бурдан мумкин аст.

1) Агар одамон вақти шахсиашонро ҷудо карда наметавонанд, варақҳои ваъзро тақсим намоед.
2) Агар одамон 20-30 дақиқаи вақти шахсиашонро ҷудо карда метавонанд, китобчаи "**Чор қонуни рӯҳонӣ",** мисли **"кӯпрук"** ва дигар усулҳои самараноки тарғибро истифода баред.
3) Агар имконияти мунтазам вохӯрдан (дар кор, дар калисо) ҳаст, бо омӯзиши Библия машғул шавед.

Гарчанде санъати тарғиб гуногун шуда метавонад, вале мазмуни башорат бояд ягона бошад. Мавзӯи башорат, ки Павлус тарғиб намуд, кадом буд? (1 Қӯринтиён 1:23-24)

Чаро одамонро, ки наҷотро доро нагаштаанд, ба Исои Масеҳ шинос намудан ин қадар муҳим аст? (1Юҳанно 14:6, Аъмол 4:2) Воизӣ – ин шиносоӣ бо ягон назария ва ё ягон фикр нест, балки шиносоӣ бо шахсияти Исои Масеҳ аст.

5. Дар вазъиятҳои муайян метавонед, он чизи аз сари худ гузаронидаатонро самаранок истифода баред. Аъмол 26:1-29-ро хонед ва мазмуни шаҳодати Павлусро ҷамъбаст намоед. Сипас кӯшиши тартиб додани шаҳодати шахсии худро намоед.

ҳаёт ва ақидаи Шумо то қабул намудани Масеҳ.

Сабабе, ки Шуморо ба қабул намудани Масеҳ водор намуд.

Тағйироти пас аз қабули Масеҳ рӯй дода.

5. рӯзҳои воизӣ (тарғибкунӣ)

1) То ин ки рӯзи воизӣ бомувафақият бошад, бояд дар бораи Исои Масеҳ бо қудрати Рӯҳулқудс шаҳодат дод, ва масъулияти наҷотбахшии инҷилкунониро ба Худованд ҳавола намуд. (2 Тимотиюс 4:2, Қӯлассиён 1:28-29)
2) Дар вақти ваъз ба се лаҳзаи зерини муҳим бояд диққат дод.

1. То ин ки Худованд моро дар лаҳзаҳои лозимӣ истифода барад, доимо омода бошед.
2. Фикр кунед, ки ҳар як вохӯрӣ бо одамон аз ҷониби Худованд омода гаштааст.
3. Мавзӯи сӯҳбатро ба Исои Масеҳ баргардонед.

3) Бояд ибодат намуд. То ин ки одамон назди Исои Масеҳ ҳозир гарданд, вазифаи мо ибодат намудану дар бораи Ӯ гап задан аст. ва Оне, ки ба одамони имон медиҳаду ҳаёти ононро тағйир медиҳад, Худованд мебошад. Бинобар ин вақте, ки мо барои наҷоти онҳо ибодат менамоем, Худованд ба ибодати мо ҷавоб мегардонад. Вале ба он умед набандед, ки ибодати номуайян ва рӯякӣ амалӣ мегардад. Бояд сидқан, ба муҳаббат ва хоҳиши сахт барои наҷоти одамон ибодат намуд. Бинобар ин вақти ибодат номҳоеро зикр намоед, ки ба ибодат хеле эҳтиёҷ доранд, агар Худованд ҷавоб медиҳад, нависед, кай ва ҷӣ Ӯ ҷавоб дод.
4) Мавқеъи фаъол лозим аст.
1. Омадани одамонро интизор нашавед, балки бо Инҷил мусаллаҳ шуда, худатон назди онҳо равед. Мавқеъи интизоршавӣ, ки Рӯҳулқудс моро ба назди касе равона мекунад, дар назари аввал дуруст менамояд, вале дар асл бошад, гувоҳи надонистани иродаи Худованд мебошад. Чунки Худованд аллакай ба мо амр кардааст, ки мо ба назди халқҳо равем ва ба онҳо башоратро расонем.
2. Бо вуҷуди он ки мо бо амри Худованд тарғиб менамоем, вале рӯзҳои кории инҷилкунонӣ хеле самаранок мебошад. Бо одамоне вохӯред, ки Худованд, Шуморо бо онҳо пайваст мекунад ва ба онҳо тарғиб намоед. Онҳоро бо муҳаббат ба худ наздик кунонида озодона ба сӯҳбат ҷалб намоед. Беҳтарин мисол ин сӯҳбати Исо бо зан назди чоҳ. (Юҳанно 4:7) ё сӯҳбати Филиппус бо хоҷасарой (Аъмол 8:30) мебошад.
5) Мавзӯи сӯҳбатро ба Исои Масеҳ баргардондан лозим.
Сӯҳбати ба калисо алоқамандро сар карда истода, мунтазам дар бораи Исои Масеҳ, ки сари калисо ва “**ганҷинае дар зарфи сафолин”** мебошад нақл намоед.
6) Наҷотро бояд интизор шуд. Дар вақти ваъз гуфтан ҷавоби аксуламали одамонро интизор шавед. Ба лаёқати шахсӣ ва ақидаи худ такя нанамоед, балки ба муҳаббат, қудрат ва ваъдаҳои Худованд умед бандед.

Вохӯрии ҳафтум

---

Супориш барои тайёрӣ

1. Ваъзи якшанбегиро нависед.
2. Нома ба Эфсӯсиёнро хонед.
3. Пешакӣ ба мавзӯи “**ҳаёт бо Рӯҳулқудс пур кардашуда”-**ро хонед.

4. Нома ба Румиён 1:16 ва Номаи якуми Петрус 3:15-ро азёд кунед.
5. “**ибодати ҳаррӯза”** (вақти иззату икром)-ро гузаронед.
6. Номҳои китобҳои Аҳди қадим аз ҳастӣ то Китоби Масалҳои Сулаймонро такрор намоед.

Вохӯрии ҳафтум

Ҳаёти бо Рӯҳулқудс пур кардашуда

Рӯҳи муқаддас дар ҳама бошандагони калисо ҳаст. Вай нафақат моро аз нав тавлид месозад, балки ба мо барои дар Исои Масеҳ зистан қудрат мебахшад. Мо худамон худамонро идора карда наметавонем ва дар Масеҳ зиста, ба сарварии Рӯҳулқудс эҳтиёҷ дорем. Чунин ҳаётро Библия аз Рӯҳулқудс пуркардашуда меномад. Бинобар ин барои рушди ояндаи ҳаётамон дар Масеҳ (мо чор рукни асосии он: Калом, ибодат, муносибат, ва воизиро омӯхтем) боз бо Рӯҳулқудс пур шудан лозим аст.

1. **“Бо Рӯҳулқудс пур шудан”** чӣ маънӣ дорад?

Калимаи “**пур шудан”** ин ҷо бо маънии “**ба сарварӣ гирифтан”-**ро дорад, яъне “**Рӯҳулқудсро ба сарварқ гирифтан ва бо қудрати Ӯ пур гаштан”** мебошад. Рӯҳулқудс омад, то Масеҳро мадҳ намояд (Юҳанно 16:14) ва азбаски Ӯ рӯҳи Исо аст, бо Ӯ пур шудан, яъне бо Исо пур шудан, дар ҳаёти Исо зистан, хислатҳои хоси Ӯро зоҳир намудан мебошад

1) Дар Нома ба Эфсӯсиён 5:18 бо Рӯҳулқудс пур гаштан бо аз шароб маст гаштан қиёс карда мешавад. Вазъиятеро, ки дар он бо Рӯҳулқудс пур карда шудааст, чи гуна тасвир кардан мумкин аст?

Бо Рӯҳулқудс пур гаштан ин маънои ба ҳолати динӣ тасаввуфӣ ворид шуданро надорад. Вале дар ин вақт гуфтан ҳам мумкин нест, ки ин ҳолати бидуни эҳсосот ва оқилона аст. Зуҳуроти зоҳирии аз Рӯҳулқудс пур гаштан дар ҳар одам гуногун аст. вале умуман гуфтан ҷоиз аст, ки онҳо бо Рӯҳулқудс пайвастанд.

2. Кӣ бо Рӯҳулқудс пур мегардад?

Мо метавонем, хоҳиши бо Рӯҳулқудс пур шуданро дошта бошем. Вале моро бо Рӯҳулқудс Худои сегоник пур мегардонад. Дар Инҷили Юҳанно 20:22 Исо чи тавр ба шогирдонаш Рӯҳулқудсро дод? Дар Аъмол 8:17 ду ҳаворӣ чӣ кор карданд, то ин ки Сомариён Рӯҳулқудсро қабул намоянд? Дар Аъмол 10:44 Петрус чӣ кор кард? Дар Рӯҳулқудс истода, корҳои Худовандро бо нақши одам омехта кардан лозим нест.

3. Чаро бо Рӯҳулқудс пур гаштан лозим аст?

Ба Исо бовар карда истода ва ҳатто ҳаёти навро оғоз карда истода, мо дар замин, ки дар ҷисм зиндагӣ менамоем, наметавонем, аз гуноҳ эмин бошем. (1Юҳанно 1:8). Барои ҳамин, чунин одам, ба монанди ҳаввории Павлус гуфтааст: "**Вой бар ҳоли ман, ки шахси мискин ҳастам! Кӣ маро аз ин ҷисми гирифтори мамот раҳоӣ медиҳад?" (Румиён 7:23-24)**

Дар нома ба Ғалотиён 5:17 ин моҷаро чӣ гуна тасвир ёфтааст?

Баъзе вақт тавассути виҷдон ва рафтори хушахлоқонаи инсон ин моҷаро ҳалли худро меёбад. Вале бо сабаби он, ки мо дар ҷисм зиндагӣ менамоем, ҳама ҷидду ҷаіди мо дар охир ба мағлубияти рӯҳонӣ оварда мерасонад. Одами ноустувори мо дар ин моҷаро пирӯзӣ ба даст намеорад.

Дар Нома ба Румиён 8:9-10 ба масеҳиён чӣ гуна маслиҳатҳо дода мешавад, то ин ки онҳо дар ин моҷаро ғолиб бароянд?

❖ Рӯҳулқудс=рӯҳи Худованд Падар=рӯҳи Исои Масеҳ.

4. Чӣ тавр бо Рӯҳулқудс пур гаштан мумкин аст?

Имондорон Рӯҳулқудсро дар давраи тавлиди нави рӯҳонӣ қабул менамоянд. (Румиён 8:16, 1 Қӯринтиён 12:3) Айнан аз ҳамон давра вобаста ба он ки то чӣ дараҷа онҳо бо рӯҳу ҳаёташон ба Рӯҳулқудс итоат менамоянд, рушди имондории онҳо мунтазам оғоз меёбад. Бо вуҷуди он ки ҳамаи масеҳиён зери сарварии Рӯҳулқудс мезиянд, ин маънии онро надорад, ки ҳамаи онҳо ҳаёти пур аз Рӯҳулқудсро паси сар менамоянд. Бинобар ин мо дорои наҷот гашта Рӯҳулқудсро мегирем ва дар рафти масеҳшавӣ яъне рушди имондорӣ Рӯҳулқудс мунтазам моро сафарбар менамояд. Бо Рӯҳулқудс пур гаштан ин маънои санҷиши якмаротибагиро надорад, балки мунтазам дар ҳаёти одами масеҳӣ амалӣ мегардад. Барои он ки бо Рӯҳулқудс пур гардед, бояд чунин давраҳоро паси сар намоед.

1) Зарурияти бо Рӯҳулқудс пур гаштанро дарк намуда истода бояд бо матонат инро хоҳиш намуд.

Мо бояд бо рӯҳамон дарк намоем, ки танҳо бо имон метавон бо Рӯҳулқудс пур гашт. Ибодати сидқӣ яке аз усулҳои ифодакунии имондории мост. Кӯшиш намоед, ки бо чунин тарз ибодат намоед: **"Худованд, Падари дӯстоштаи ман ба Ту эҳтиёҷ дорам. Пештар ман ҳаётамро худам сарварӣ менамудам, инак ман барои гуноҳҳои назди ту содир намудаам авф мепурсам. Шукр мегӯям, ки тавассути марги Исои Масеҳ дар салиб, ки барои гуноҳҳои ман мурд, Ту гуноҳҳои маро авф менамоӣ. Инак, ман мехоҳам, ки Ту Худованд ҳаёти маро сарварӣ намоӣ. Исои Масеҳ амр намуд, ки бо Рӯҳулқудс пур гардем ва агар бо имон аз Ӯ хоҳиш намоем, амалӣ**

**хоҳад гашт. Худованд аз Ту хоҳиш менамоям, рӯҳи маро пок гардон ва бо Рӯҳулқудс пур намо. Ман шукргузорам ва боварӣ дорам, ки маро бо Рӯҳулқудс пур менамоӣ ва маро сарварӣ мекунӣ. Бо номи Худованди мо Исои Масеҳ дуо мекунем".**

Агар ин ибодат хоҳиши рӯҳи Шуморо ифода кунад, бовар кунед, ки Худованд худи ҳозир Шуморо бо Рӯҳулқудс пур менамояд.

2) Аз гуноҳ пушаймон шуда худро бояд тоза намуд.

Агар мо тавассути гуноҳ худамон сарвари хаётамон гардем, ин итоат накардан мебошад. Бинобар ин мо бояд барои гуноҳҳоямон авф талабем. Он вақт Худованд гуноҳҳои моро мебахшад ва аз ҳама нодурустиҳо моро пок месозад. (1Юҳанно 1:9) Авф пурсидан, яъне дар назди Худованд гуноҳҳои худро эътироф намудан, бовар кардан ба он ки тавассути хуни Исо дар салиб ин гуноҳҳо авф гаштаанд ва аз гуноҳ рӯй гардонда мавқеъи нави ҳаётро қабул кардан, мебошад.

Аз чӣ тавба кардан лозим аст? Барои ин ба ботини худ назар андозед ва бо ин ба ҳиссиёти ҳамдардӣ ба худ ғӯттавор нагардед. Ин тавр намешавад. Агар мо бо шавқ ба Худованд ва тақводории Ӯ майл мекунем ва сидқан барои гуноҳҳоямон тавба менамоем, ин кофист. Худованд мувофиқи ваъдаи худ моро авф менамояд ва бо Рӯҳулқудс пур мекунад.

2) Пурра ҳаёти худро ба Худованд бовар кардан лозим аст. Имондориро бо дигар маънӣ бовар кардан лозим аст. Ба Худо имон оварда, мо ба Ӯ бовар мекунем ва ба Ӯ такя менамоем. Ин гуна муносибат на он вақте дарк карда мешавад, ки мо мушкилие дорем. Агар мо одами дӯстдоштаамонро аз даст медиҳем, аз беморие азоб мекашем, таҳқири норавое мебинем, вале ба Худо бовар карданро идома медиҳем, ин маънии бо Рӯҳулқудс пур буданро дорад.

4. Маҳсули аз Рӯҳулқудс пур будан чӣ гуна аст?

1) Дар ҳаёти рӯзмарра хислатҳои Исои Масеҳ зоҳир мегардад. Дар Нома ба Ғалотиён 5:22-23 маҳсули рӯҳ ва хислатҳои Масеҳ омадаанд. Онҳоро дар ёд доред ва кӯшиши навиштан намоед.

2) Барои тарғиби башорат ҷасурӣ пайдо мешавад. Ваъдаи Худованд вобаста ба Рӯҳулқудс дар калисои аввалин чӣ гуна амалӣ гашт? (Аъмол 1:8; 4:31)

3) Аз рӯи зарурият ҳадяҳои гуногун тӯҳфа карда мешаванд.

Дар калисо аввалин вақте, ки ҳама ба Рӯҳулқудс пур гаштанд, чӣ ҳодиса рӯй дод? (Аъмол 2:4)

Худованд моро бо Рӯхулқудс пур карда истода аз рӯи зарурият ҳадяҳои гуногун ҳам медиҳад. (Румиён 12:6-8, 1 Қӯринтиён 12:4-11) Онҳоро бо

сипозгузорӣ қабул намудаистода мо бояд сарфи мадҳи Худованд ва мустаҳкамкунии калисои ахлоқӣ намоем.

5. Кай бо Рӯҳулқудс пур гаштан мумкин аст?

Агар мо барои қабул намудани Рӯхулқудс омодаем, Худованд ҳама вақт эҳтиёҷоти моро қонеъ мегардонад. Бо вуҷуди он ки таъмиди Рӯҳулқудс танхо як бор рӯй медиҳад, вале пас аз ин корҳо Ӯ мунтазам зоҳир мегардад.

1) Бори аввал (Аъмол 1:5)
2) Идома (Эфсӯсиён 5:18)

Вохӯрии ҳаштум

---

Супориш барои тайёрӣ

1. Ваъзи якшанбегиро нависед.
2. Номаи Яъқубро хонед.
3. Пешакӣ ба мавзӯи “**ҳаёти бар санҷишҳо пирӯзомада**”-ро тайёр намоед.
4. Нома ба Эфсӯсиён 5:18 ва Нома ба Ғалотиён 5:22-23-ро азёд намоед.
5. ибодати ҳаррӯза (вақти иззату икром)-ро гузаронед.
6. Номҳои китобҳои Ахди қадим, аз Китоби Воиз то Китоби Малокии Набиро дар ёд нигоҳ доред.

Вохӯрии ҳаштум

ҳаёти бар санҷишҳо пирӯзомада

Масеҳие, ки ҳатто бо Рӯҳулқудс пур гаштааст, азбаски дар ин дунё дар ҷисм мезияд, наметавонад, комилан бегуноҳ бошад. (1 Қӯринтиён 10:12) Зеро иблис чун шери жаён мегардад, то касеро тӯъмаи худ гардонад. ҳамин тавр маънии наҷоти Худовандро фаҳмидан муҳим аст, чунки нест, одаме, ки ба васваса ва гуноҳ наафтад. Танҳо бо қудрати шахсии худ такя карда ҳаёти пирӯзмандро паси сар кардан мумкин нест. Ин далелро қабул намоед, ки танҳо Худованд барои пирӯз гаштан кӯмак расонида метавонад.

Дар Библия се намуди санҷиш аст. Аз ҳар кадоми он хулоса бардоред.

1) Санҷиш (Озмоиш) (Яъқуб 1:2-4)
2) Васваса (Яъқуб 1:13-14)
3) Тафтиш (ҳастӣ 22:1)

Дар ин вохӯрӣ мо маънии васвасаро дида мебароем. Номаи якум ба Қӯринтиён 10:13 калиди савол роҷеъ ба васвасаи масеҳиён мебошад. Оромона дар болои ин оят андеша ронед.

Бо кадом васвасаҳо мо дучор мегардем?
Кӣ ба мо имконияти аз болои васваса пирӯз шуданро медиҳад?
Чӣ бояд кард, ки бо васваса ба гуноҳ дигар дучор нагардем?
Худованд васвасаро аз мо дур месозад?
Худо барои мо чӣ кор мекунад?
Мо бояд чӣ кор кунем, то ба васваса дучор наоем?

1) Инҷили Матто 6:9,13
2) Забур 118:9,11
3) Номаи якуми Юҳанно 5:4-5
4) Номаи Яъқуб 4:7.

Кӯшиш намоед, ки ин ибораҳоро мунтазам истифода баред.
Ман ҳоло ба кадом васваса дучор мегардам?
Фикр кунед, ки усули озодкунии Худованд аз васваса аз чӣ иборат мебошад.

Сарчашмаи ҳамаи бадиҳо шайтон аст. вале ин маънии онро надорад, ки шайтон худаш мунтазам ба мо ҳуҷум мекунад.
Бо вуҷуди он ки Ким Ир Сен ҳодисаҳои 25 июнро сарварӣ менамуд, ин умуман маънии онро надорад, ки ӯ шахсан дар ҳамаи ҷангҳо ширкат варзидааст. Монанди ҳамин шайтон ҳам бо вучуди он ки дар ҷангҳои рӯҳонқ бевосита ширкат меварзад, вале дар бисёр мавридҳо барои ҳуҷум ба мо аз ҳама имкониятҳои дар дасташ буда истифода мебарад.

Шайтон ба мо бо се роҳ наздик мешавад. Якум, шайтон ба мо бевосита худаш ҳуҷум мекунад. Дуюм ба воситаи дунё. Сеюм ба воситаи хоҳиши ҷисми мо. Вақте ки мо ба васваса дода мешавем, бояд донем, ки он бо кадом васила мебошад. Ва вобаста ба вазъият рафтор ҳам бояд гуногун бошад.

1. Шайтон ба мо бевосита ҳуҷум менамояд.

Иблис ё шайтон ин махлуқи шахсиятноки фавқултабии рӯҳонӣ мебошад. Библия онҳоро фариштаҳои бадахлоқшуда меномад. Иблис бо мақсади имони моро вайрон кардан бевосита ба мо ҳуҷум менамояд.

Дар натиҷаи ин тасаввуроти мо дар бораи Худованд хира мегардад, дар муносибати мо бо Худованд шубҳа пайдо мегардад, радкунии эътиборнокии Каломи Худованд ва ғайра ба миён меояд.

1) Чӣ тавр шайтон ба Яҳудо Исқарют ҳуҷум меорад (Луқо 22:3, 13:2 Юҳанно)

Бо ин ҳуҷумҳои шайтон бояд чӣ тавр рафтор кард? Пеш аз ҳама мавҷудияти онро бояд эътироф кард. Сипас ба вай муқобил бояд истод (Яъқуб 4:7) Мушаххас чӣ тавр ба шайтон муқобил истодан мумкин аст.

Усули беҳтарин ин онест, ки Исо вақти ба шайтон муқобил истодан истифода бурда буд. Дар Инҷили Матто 4:4,6,10 Исо се бор бо суханони **"навишта шудааст**" ҳуҷуми шайтонро бо Каломи Худованд, ки аз ҷониби Рӯҳулқудс зуҳур намудааст, мегардонад. Бинобар ин мо ҳам метавонем ба шайтон бо қудрати рӯҳулкудсу Каломи Худованд муқобилият зоҳир намоем. Агар шайтон дар дили мо тухми шубҳаро ба боварии мо нисбати наҷот коштан мехоҳад, мо имондорони Исо бояд бо суханони равшан дар бораи ҳаёти ҷовидонӣ ба ӯ муқобил истем. (Юҳанно 5:24, 1Юҳанно 5:13)

Барои он ки натиҷабахш ин санҷишро паси сар намоем, мо бояд Каломи Худовандро хуб донем. Бинобар ин Библияро Худованд дар қалби худ махфуз медошт, то ин ки дучори гуноҳ нагардем, мо низ бояд бисёр Каломи Худовандро дар диламон маҳфуз дорем, то ин ки дар вaтташ ба ҳуҷумҳои шайтон рақобат карда тавонем.

2. Шайтон ба мо ба воситаи дунё ҳуҷум менамояд.

Шайтон ба мо натанҳо бевосита хуҷум менамояд, балки аз берун ба воситаи дунё низ ба мо ҳуҷум меорад. Дунёест, ки ин ҷо гап дар бораи он меравад, дар Номаи якуми Юҳанно 2:15-16 ҳамчун душмани Худованд ва дар Нома ба Румиён 12:2 "ин дунёе" зикр ёфтааст. Ин дунё одамонро ифода мекунад, ки наҷот наёфтаанд ва ба иродаи Худованд муқобил меистанд, ҷамъият, фарҳанге, ки бидуни иродаи Ӯ аз рӯи системаи сарват сохта шудаанд. Байни ин васваса бисёр моҳирон бо ин роҳ аз ин дунё мегузаранд. Ин васвасаҳо ба назар монанди вайронкунии қонун намерасанд, чунонки одамон дар ин бора бо қароҳат фикр мекунанд.
Баръакс ин васваса дар назари одамон чизе наменамояд, вале аз ҷониби рӯҳоният зиёни зиёде меорад.
Дар кадом соҳаҳо дунё ба хоҳиши мо такя намуда, моро ба васваса меандозад ва кадом мисолҳои мушаххасро овардан мумкин аст? (1Юҳанно 2:16)
1)
2)
3)

Як ҷуфти ҷавон ба Худованд сидқан хизмат менамуд ва банохост ба калисо ташриф оварданро қатъ намуд. Маълум шуд, сабаби ин он аст, ки онҳо бо пулҳои ҷамъкардаашон утоқ (манзил) харидаанд. Занаш пурра ба ҷиҳозонидани утоқ машғул аст ва шавҳараш вақти зиёдашро сарфи пулкоркунӣ барои харидани мошин менамудааст. Гарчанде харидани манзил, мошин гуноҳ нест, вале муҳабббати онҳо нисбати Худованд ба ин чизҳо зиёд гаштааст ва дар интиҳо онҳо ба васвасаи шайтон афтоданд.

Дар чунин озмоишҳо мо бояд кадом чораҳоро андешем?

Инҷили Матто 6:19-34-ро хонед. Чунин ташвишҳои заминӣ, ки ба рӯҳи мо ҳамлаваранд, дар ҳаёти кӯтоҳ ҷои зиёдеро ишғол менамоянд. Ва бештар дар рӯзҳои мо. Вақте, ки мо аз кӯчаҳо мегузарем, тарабхонаҳои пуршукӯҳ, мағозаҳои олиҷаноб диққати моро сӯи худ мекашанд. ҳамин, ки муҳаббати мо нисбати Худованд сард гашт, ин васвасаҳо вориди ҷои холӣ мегарданд. Аз ин васвасаҳои беруна гурехтан, маънои ҳалли онҳоро надорад (Юҳанно 17:15). Вақте ки Шумо ба воситаи дунё ба васваса гирифтор мешавед, кӯшиши аз ин дунё гурехтанро накунед, ба ҷои ин ҳама диққатро ба муҳаббататон нисбати Худованд равона созед. Барои ин бояд ба хаёти пурбаракат нигарист.

Дар бораи соҳаҳои ҳаёти пурфайзу баракат, ки мо бояд ба он муроҷиат намоем, фикр кунед.

Агар Шумо ҳаёти пурбаракатро барқарор мекунед ва муҳаббати Шумо ба Худованд гарм мешавад, ин вақт муҳаббати Шумо нисбати дунё сард мегардад. Ва ин вақт шайтон қудрати ҳуҷумкуниашро ба воситаи дунё аз даст медиҳад.

3. **Шайтон ба мо ба воситаи хоҳиши ҷисм ҳуҷум менамояд.**

Шайтон ба воситаи хоҳиши беихтиёронаи одам ҳуҷум мекунад. Агар ҳуҷуми дунё аз берун бошад, пас ҳуҷуми хоҳиши ҷисмро ҳуҷуми дохилӣ номидан мумкин аст. Дар ҷисми офаридаи Худованд бадӣ ва гуноҳ нест. Бинобар ин хоҳиши беихтиёронаро гуноҳ номидан мумкин нест. Вале баъзан васваса тавассути хоҳиши шаҳвонӣ, ҳарисӣ ё дигар талаботҳои физиологӣ ба миён меояд. Баъзе масеҳиён талаботҳои физиологии Худованд додагиро нодуруст фаҳмида, беохир ба васваса дода мешаванд.

Китоби дуюми Подшоҳон 11:1-4-ро хонед. Ин мисоли беҳтарини амали шайтон ба воситаи шаҳвати ҷисм мебошад. Ин ҷо Довуд ба мағлубият дучор мегардад, вале дар Ҳастӣ 39:10 Юсуф пирӯзманд мегардад. Ин ҷо фарқият дар чист?

Фикр намоед, мо аз чӣ бояд канорҷӯи намоем, то бар васваса пирӯз шавем.

Васваса, ки ба амалҳои зишт мебарад, дар ҷаъмияти ҳозира мушкилиҳои ҷиддии зиёде пеш меорад. Як донишҷӯй ва духтари ӯ иқрор гаштанд, ки оҳиста-оҳиста ба васвасаи шаҳвонӣ дода мешаванд. Боре шабона онҳо вохӯрданд ва барои омодагӣ ба машғулияти биология аз харсангҳои соҳили баҳр обсабзҳоро ҷамъ намуданд. Пеш аз ин ба қароре омаданд: агар онҳо ба васваса дода мешаванд, онҳо якҷоя бояд сари зону зананд ва аз Худованд барои пирӯз гаштан бар васваса имдод талабанд. Дар назари аввал рафтори онҳо бошарафона менамояд. Дар асл бошад, нодонии зиёдест! Ин монанди он аст, ки сари худро ба даҳони шер меандозӣ ва аз Худованд имдод мепурсӣ, ки шер туро надаронад.

Дар номаи дуюми Тимотиюс 2:22 ба ҷавонон барои ҳалли масъалаи шаҳвониашон чӣ гуна маслиҳат дода мешавад. Намудҳои ҳуҷуми иблис ва аксуламали ҷавобии масеҳиёнро чунин бояд тасаввур кард.

| Роҳҳои васваса | Хислати васваса | Усули аз болои васваса ғолиб омадан |
|---|---|---|
| Рӯирост | ҳуҷуми қатъӣ | |
| Ба воситаи дунё | ҳуҷуми беруна | |
| Ба воситаи хоҳиши ҷисм. | | |

Вохӯрии нӯҳум.

---

Супориш барои тайёрӣ дидан.

1. Ваъзи якшанбегиро нависед.
2. Нома ба Қӯлассиёнро хонед.
3. Пешакӣ ба мавзӯи “**ҳаёти масеҳии дар итоат”** омодагӣ бинед.
4. Номаи якум ба Қӯринтиён 10:13 ва Номаи Яъқуб 1:14-15-ро аз ёд кунед.
5. Ибодати ҳаррӯза (вақти иззату икром)-ро гузаронед.
6. Номи китобҳои Аҳди қадимро аз китоби Масалҳои Сулаймон то китоби Малокии Набӣ такрор намоед.

Вохӯрии нӯҳум

Ҳаёти масеҳии дар итоат

Фоҷеаи калисои имрӯза дар он аст, ки бисёр одамон даъват ба имонро гирифтаанд вале қисми ками одамон ба он итоат менамоянд. Дар Рӯҳулқудс зиста, меарзад имоне дошта бошӣ, ки он ҳуҷумҳои пайвастаи шайтонро мағлуб созад. Вале ба масеҳиён барои маҳфуз доштани имонашон ва монда нашуда амрҳои Худовандро иҷро карданашон зарур аст, ки Исоро пайгирӣ ва итоат намоянд. Барои корҳои Худовандро иҷро кардан, пеш аз ҳама Ӯро пайгирӣ кардан лозим аст. Ва ба Ӯ гуфт: "**Агар рӯй ба замин ниҳода, ба ман саҷда кунӣ, ҳамаи онҳоро ба ту медиҳам" (Матто 4:9)**

Исоро пайгирӣ намудан, яъне нақша ва иродаи Ӯро вобаста ба ҳаётатон қабул кардан, худро бе ягон шарт ба Исо додан ва ба Ӯ итоат намудан мебошад.

1. **Маънии итоат кардан ва мавқеъи асосӣ**

Инҷили Луқо 5:1-11-ро хонед. Петрус чӣ тавр итоати худро ба Худованд зоҳир намуд? (Ояти 5)

Итоат кардан ба Исои Масеҳ дар як лаҳза метавонад, ки ояндаи моро ҳал созад. Петрус ба Исо итоат карда истода, донист, ки Исо кӣ аст ва дар анҷом шогирди беҳтарини Ӯ гашт. Вақте, ки мо ба Худованд дар ин ё он лаҳзаи камарзиш итоат менамоем, бо ин мо худамонро ба ҳаёти итоаткорона омода месозем ва хислатҳои имондорро ташаккул медиҳем.

4. Мавқеъи масеҳӣ чӣ гуна бошад, то ин ки пурра ба Худованд итоат намояд?

1) Вобаста ба Исои Масеҳ (Матто 28:18)
2) Вобаста ба худ (Румиён 12:1)
3) Вобаста ба муносибати байни Исою ман (Луқо 9:23)

Барои дар итоат зистан пеш аз ҳама мо бояд объекти итоат мекардагиамонро донем, донем, ки кадом Худо аст ва ҳокимияти Ӯро эътироф намоем. Баданҳои худро баҳри қурбонӣ овардан ин маънои тамоми ҳаёти худро бо қатъият ба Худованд бахшидан, аз худ рӯй гардонидан, ба ҳаёти худпарастонаи гузашта **"не"** гуфтан ва ба иродаи Худованд "ҳа" гуфтанро дорад.

Касе бо кураи ҳавоӣ бо халтаҳои пур аз рег ба осмон баланд мешавад. То ин ки баландтар барояд, ӯ кам-кам регро мерезад. Ва бо андозаи рехтани рег ӯ торафт баландтар мешавад. ҳаёти масеҳӣ монанди ин аст. Чӣ қадар мо мушкилиҳои ҷисм, бадӣ ва ҳама чизи дунявиро тарк намоем, ҳамон қадар ба баландии кӯҳи баракати рӯҳонӣ баромада метавонем.

Соҳа ва объекти итоаткорӣ

Шогирдони Исо аз чӣ бояд рӯй гардонанд, то пайгири Ӯ гарданд? (Луқо 14:25-27,33) Мушаххас дар бораи ҳар кадоми онҳо фикр намоед.

1) Оила.
2) "**Ман"-**и шахсӣ.
3) Хусусӣ.
4) Дигарон.

Соҳаи асосии итоаткории масеҳӣ масъалаи ашёи хусусӣ мебошад. Вақте ки Исо ба ҷавони сарватманд гуфт, ки амлокашро фурӯшад ва ба камбағалон тақсим намояд, Ӯ на барои он ин корро кард, ки ҷавон камбағал шавад, балки барои он ки вай пурра ба Ӯ итоат намояд. (Марқӯс 10:17-22) Алалхусус дар ҷамъияти ҳозиразамон, ки материализм бениҳоят васеъ паҳн гаштааст, ба ғайр аз ба воситаи чизҳо санҷидани итоаткорӣ усули дигаре нест.
Бо вуҷуди он ки итоаткории моддӣ ба воситаи кӯмаки моддӣ ва садақаи хуби пулӣ ошкор гардад ҳам, дар мадди аввал чӣ тавр зистани масеҳӣ аз нуқтаи назари моддӣ меистад. Агар масеҳӣ дар ҳаёти оддиаш шоҳаншоҳона мезияд, пулашро беҳуда сарф менамояд, бо вуҷуди садақакунӣ ва ёрии моддӣ расониданаш ин лаҳза гуфта наметавонем, ки ӯ пурра итоат менамояд.

2. Итоат кардан-яъне пайгирӣ намудани каломест, ки ба мо Худо додааст, барои ин инкор намудани худ кам аст. Дар асл тамоми ҳаёти мо ва душвориҳои рӯ ба рӯ омадаи мо бо иродаи Худованд , ҳамаи ин зуҳуроти итоаткорист.

1) Ҳаёти мо аз диди Худованд чӣ гуна аст? Ин гуна пешбиниро масеҳии итоаткор бояд чӣ гуна қабул намояд? (Воиз 7:14)
2) Масеҳии итоаткор вақте ки ба душворӣ дучор меояд, чӣ гуна мавқеъро ишғол намояд? (Филиппиён 1:29, Румиён 8:17-18)

Исо, ки ба иродаи Худованд итоат менамуд, дар бораи маргаш дар салиб чунин мегӯяд "**Ба ростӣ, ба ростӣ ба Шумо мегӯям; агар донаи гандум дар хок афтода намирад, фақат худаш боқӣ мемонад; лекин агар бимирад, донаҳои фаровон орад, ӯ бояд итоат намояд ва**

**бимирад. Дар зери чунин марг таккабури мо, имтиёзҳои мо, ғурури мо, воситаҳои ҳузуру ҳаловати мо дар назар дошта шудааст”.**

5. Гарчанде, ки объекти итоати комил Исои Масеҳ аст, вале масеҳиён боз объектҳои итоат дар оила, калисо ва дар ҷамъият доранд.

1) Дар оила (Эфсӯсиён 5:22,25;6:1)
2) Дар калисо (1Петрус 5:5)
3) Дар кор (Қӯлассиён 3:22)
4) Дар ҷамъият (Румиён 13:1)

Вале ин ҳама тобегии мутлақ нест, зеро баъзе вақт барои ба Худо итоат намудан, ба онҳо мухолифат намудан лозим аст. (Аъмол 4:19)

**Мисолҳои итоаткорӣ.**

1. Дар Библия яке аз мисолҳои бузурги итоаткорӣ ин дар симои Иброҳим аст.

1) Аъмол 12:4, Ибриён 11:8 ва Аъмол 22:1-3, 9-12-ро хонда фикр кунед, ки дар кадом лаҳзаҳо ва ба кадом амрҳо ӯ итоат намуд.
2) Дар Аъмол 22:17-18 вақте ки Иброҳим итоат карда писарашро барои қурбонӣ бурд, Худованд ба Иброҳим чӣ ваъда кард?

2. Яке аз мисолҳои итоат накардан дар Библия ин Шоул аст. дар 1Подшоҳон 15:18-23 ӯ ба ҷои итоат намудан худро сафед намудаистода бо хости худаш хидматгузорӣ намуд.

1) Аксуламали Самуил ба ин чӣ гуна буд?
2) Якравӣ ва хиёнат ба чӣ қиёс карда мешавад?
3) Оқибати беитоатии шоҳ Шоул чӣ буд?

3. Итоаткорӣ ва беитоатӣ ҳаст, ки онҳо рафти таърихро иваз намудаанд. Нома ба Румиён 5:19-ро хонед.

1) Одам ба чӣ итоат нанамуд ва натиҷаи беитоатӣ чӣ буд?
2) Чӣ тавр Исои Масеҳ итоат намуд ва оқибати итоаткории Ӯ чист?
3) Итоаткории Исои Масеҳ ба масеҳиён чӣ гуна таъсир мерасонад? (Ибриён 5:8-9)

4. Ҳаёти масеҳиён дар итоат ин худаш баракат аст. новобаста ба ин Худованд ба одамони итоаткор ваъдаҳои гуногун дод.

1) Ду натиҷаи итоаткорӣ ба ҳақиқати Худованд чӣ гуна аст? (1Петрус 1:22)
2) Чӣ бояд кард, то ба дуоҳо ҷавоб гирифта шавад? (1Юҳанно 3:22)
3) Корҳои Худовандро масеҳиён бояд бо ёрии Рӯҳулқудс ба анҷом расонанд. Кӣ дорои Рӯҳулқудс шуда метавонад?
(Аъмол 5:32)

5. Барои масеҳиёни итоаткор кадом баракатҳо омода шудаанд.

1) Инҷили Юҳанно 15:10.
2) Инҷили Юҳанно 15:14.
3) Инҷили Юҳанно 14:23.
4) Номаи Якуми Юҳанно 2:5.

"Сустӣ  дар итоаткорӣ итоат накардан аст"

Масеҳӣ то ин ки итоаткор бошад, бояд ба фикри Худованд, ҳаёти Худованд нишон додагӣ, бо овози Худованд ва ёрии Худованд зиндагӣ намояд.

***Вохӯрии даҳум.***

---

Супориш барои тайёрӣ дидан.

1. Ваъзи якшанбегиро нависед.
2. Номаҳои якум ва дуюми Петрусро нависед.
3. Пешакӣ ба мавзӯӣ "**Хидматгузорӣ**" омода бошед.
4. Нома ба Румиён 12:1 ва Инҷили Луқо 9:23-ро азёд намоед.
5. "**ибодати ҳаррӯза"** (вақти иззату икром)-ро гузаронед.

Вохӯрии даҳум.

Хидматгузорӣ

"Ва ба онҳо гуфт: "Маро пайравӣ кунед ва Ман Шуморо сайёди мардум гардонам" (Матто 4:19)

Барои кори Исоро иҷро намудан, Ӯро пайгирӣ намудан ва бо Ӯ дар муносибат будан лозим аст. Одамони Исоро пайгирӣ мекардагӣ ва ба Ӯ итоат менамудагӣ кори Ӯро иҷро карда метавонанд. Маҳсули тарбияи мо хидмати Худоро иҷро намудан бояд бошад.

Дар замони мо одамони бисёре ҳастанд, ки дар калисоҳо ҷойҳои холиро ишғол намуда, дар як ҳафта як бор ваъзро гӯш карда, фикр мекунанд, ки ҳаёти масеҳиро паси сар менамоянд. Сабаби чунин мавқеъи ғайрифаъол доштаи онҳо дар он аст, ки тарбияи дуруст надидаанд. Агар онҳо тайёрии лозимиро гузаронанд, мавқеъи онҳо фаъол мегардад. Бинобар ин маҳсули тарбия хидмати Худовандро ҳисобидан мумкин аст.

Агарислоҳоти 1500 солаи калисо ба имондорони қаторӣ Библияро дода бошад, пас ислоҳоти баъдинаи рӯҳонӣ бояд хидматгузориро ба диндорони каторӣ диҳад. Франсис Лирес гуфтааст:

**“Агар мо таъмид ёфтаем, ин новобаста ба он ки роҳиб дасташро ба мо гузоштааст ё не, мо аллакай хидматгузорем**”

То ин ки имондори қаторӣ фаімад, ки Ӯ хидматгузори Худост ва аз ӯҳдаи кораш барояд,барои ӯ донистани ин панҷ модда муҳим аст.

1. Нигоҳи Библиявӣ ба калисо.

“Масеҳиён бояд бештар диққатро на ба он равона кунанд, ки барои калисо чӣ бояд кунанд, балки ба он ки онҳо калисоро чӣ тавр таҷассум менамоянд (Эф Си Мате)

Вақте дар бораи масеҳӣ мегӯянд, ки Ӯ дар ҳайати калисо аст, ин ба Библия мутобиқат наменамояд. Вакте мегӯянд, ки Ӯ барои калисо ё дар калисо кор мекунад, ин ҳам аз рӯи Библия нест. Пас Библия дар бораи муносибати тарафайни масеҳӣ ва калисо чӣ мегӯяд? (Эфсӯсиён 2:20-22)

Худи ба калисо меомадагиҳо калисоро ташкил менамоянд. Бинобар ин барои хидматгузории бошандаи калисоро донистан, худи кори калисоро донистан лозим аст. Омилҳои асосии ташаккулёбии калисо хидматгузорӣ ба Худованд ва муносибат мебошад. Вале барои он ки калисо монанди бадани Исои Масеҳ зиндагӣ ва амал намояд, бояд худро ба он корҳое бахшид, ки Исои Масеҳ дар ин замин зиндагӣ карда истода менамуд. Кӯшиш намоед, ки корҳои кардаи Исои Масеҳро дар Инҷили Матто 4:23 дар се модда ҷамъбаст намоед. Онҳо ба таъминоти ҳар як калисо чӣ гуна муносибат доранд?

1) Маълумотгирӣ, тарбия ва рӯҳонӣ мусаллаҳ гаштан.
2) Паҳн кардани Инҷил, миссионерӣ дар хориҷа.
3) Хидматгузорӣ дар ҷамъият, иштирок дар корҳои амалӣ.

ҳар як хидматро аз калисо-бадани Масеҳ оғоз намудан лозим аст. ҳамаи масеҳиён бояд ба одами мушаххас, ба якдигар, инчунин одамоне, ки берун аз калисоанд, хидмат гузоранд. ҳамин тавр вақте, ки масеҳиён ҷамъ мешаванд, калисо ин се таъинотро иҷро менамояд, ва вақте ки пароканда мешаванд, ҳар як масеҳӣ бояд нақши калисои худро иҷро намояд.

2. Назари библиявӣ ба имондорони қаторӣ.

Бисёр вақт мо мешунавем: “**Вале ман танҳо бошандаи қатории калисоям”** Дар назари аввал чунин менамояд, ки одам аз хоксорӣ ин тавр мегӯяд, вале дар асл бошад ӯ даъвати Худовандро намефаҳмад. Библия мегӯяд, ки ҳамаи масеҳиён-хидматгузоранд. Бисёриҳо ҳисоб мекунанд, ки имондорони қаторӣ объекти хидматгузории роҳибӣ нестанд, балки баръакс шахсони асосии амалкунандаи хидматгузории калисоянд.

Моҳияти хидматгузории имондори қаторӣ дар чист?

1) Масеҳиён набояд ресмони баста бошанд ва на чангак, балки моҳидороне бошанд, ки одамонро медоранд. (Матто 4:19)
2) Масеҳиён ин маззаи намакро фаромӯшнакардагонанд. (Матто 5:13)
3) Масеҳӣ ин чароғи хомӯшношуданист. (Матто 5:14)
4) Масеҳӣ ин механизми хуб коркунанда мебошад (Матто 9:38)
5) Масеҳиён ин табақаҳои ғундоштанашуда мебошанд (ҳизқиёл 18:7)

"Калисоҳо худро аз ҳад зиёд аз ҳамсояҳо ҷудо кардаанд, танҳо ба дохили худ нигаронида шудаанд, бинобар ин онҳо наметавонанд аз башорат дарак диҳанд. Калисоҳо нисбат ба оне ки Навиштаи Муқаддас мехоҳад, берун аз дунё вуҷуд доранд. Вале Библия таълим медиҳад, ки масеҳиён бояд дар дунё зиндагӣ намоянд. Калисоҳо монанди Сари Онон - Исои Масеҳ дар шаҳрҳо ва қишлоқҳои пур аз зулму, ифлосӣ ва гуноҳ бояд баданҳои муқаддас гарданд" (Доналд Мекаброн)

Дар Номаи якуми Петрус 2:4,5,9,10 тавсифҳо дар бораи масеҳӣ оварда шудааст, онҳоро нависед ва дар бораашон фикр намоед.

1)
2)
3)
4)
5)

3. Назари библиявӣ ба тӯҳфаҳо.

Худованд ба мо хидматгузориҳои муайянро амр намуда ва барои амалӣ гаштани онҳо тӯҳфаҳои гуногунро ҳам медиҳад. Бо тӯҳфаҳои гирифта фахр кардан лозим нест, ки ин подоши хизмат ҳаст, ва онҳоро истифода набурдан ҳам лозим нест, чунки Худованд онҳоро баҳри иҷро намудани амалҳои худ медиҳад.

Дар бораи тӯҳфаҳо дар Румиён 12:6-8, 1 Қӯринтиён 12:8-11 ва Эфсӯсиён 4:11 гап меравад. Дар байни онҳо ҳафт тӯҳфаи дар Румиён дарҷёфта дар ҳаёти ҳақиқии масеҳӣ бо осонӣ зуҳур меёбанд. Кӯшиш намоед, кӯтоҳакак онҳоро шарҳ диҳед.

1)
2)
3)
4)
5)
6)
7)

Муҳим, ин хусусиятҳои хосаи тӯҳфаҳоро дарк кардан ва оҳоро дар амал истифода бурдан аст. Он вақт мо наметавонем, одамони

дигарро, ки чунин тӯҳфаҳоро доранд маҳкум намоем ва пурра дигаронро низ фаҳмида метавонем, ки тӯҳфаҳои дигарро дороанд.

4. Назари Библиявӣ ба таълимдиҳӣ.

Барои хидматгузорӣ тӯҳфаҳои гуногун лозиманд. Вале барои он ки бо ёрии тӯҳфаҳо меваҳо ҳосил гарданд, омӯзиш, таълим лозим аст. Нодуруст аст, вақте ки дар калисо бе тайёрӣ кори муҳимеро супориш медиҳанд. Одаме ки мехоҳад ба Худо хидмат гузорад, бояд ҷиддӣ ва сари вақт ба ин кор омода гардад. Гузаштани курси омӯзиш мувофиқи тӯҳфаҳои гирифташуда, метавонад тайёрии хуб барои хидмати калисо гардад.

Яке аз мушкилиҳои калисо дар он аст, ки мураббиёни каме ҳастанд, ки хоҳиши таълим додани имондорони қатороиро дошта бошанд ва кам имондороне ҳастанд, ки хоҳиши омӯхтанро дошта бошанд. Баъзеҳо бинобар душворӣ хондан намехоҳанд, баъзеи дигар дар ин кор зарурияторо намебинанд. Вале барои он ки калисо ба калисо монанд бошад, ҳатман рафти таҳсил барои омодасозии имондорон лозим аст.

Исо шогирдонашро чӣ гуна таълим медод? (Марқӯс 3:13-15) Инро дар калисо чӣ тавр истифода бурдан мумкин аст?

1) Даъват ва интихоб гаштан.
2) Якҷоя будан.
3) Барои воизӣ фиристодан.

Курсҳои тайёрии гуногуни имондорон мавҷуданд.

1) Курси тайёрии иззату икром: вақти иззату икром, азёд намудани Библия ва дигарон.
2) Курсӣ воизӣ: инҷилкунонии индивидуалӣ, омӯзиши инҷилии Библия ва дигарон.
3) Курси тарбияи шогирдон.
4) Курси машваратҳо.

То ин ки тайёрӣ натиҷабахш бошад, лаҳзаҳои зеринро истифода баред.

1) ҳиссиёти таъиноти хидматгузории худро фаромӯш насозед.
2) Одамонеро ҷӯед, ки монанди шумо лаёқат (тӯҳфа) доранд ва сидқан хизмат менамоянд.
3) Каломи Худовандро омӯзед ва адабиёти рӯҳониро хонед, онҳо дар хидматгузории шумо лозиманд.
4) Дар бораи истифодабарии тӯҳфаҳои гирифташуда фикр кунед.
5) Хидматгузории худро хоксорона оғоз намоед, ҳатто агар шумо таҷрибаи калони ҳаёти калисоӣ дошта бошед ҳам.
6) Дар он маҷлисҳое ширкат варзед, ки шуморо ба ҷидду ҷаҳд ва фидокорӣ тела менамоянд.

Назари Библиявӣ ба дунё;
Имондороне, ки барои иҷрои вазифаашон омода мегарданд, бояд дар бораи ҷои хидматгузориашон тасаввуроти дуруст дошта бошанд. Бисёр масеҳиён хидматгузориашонро танҳо дар калисо маҳдуд месозанд. Вале дар асл бошад, ҷои хидматгузории мо тамоми дунёст, ки мо дар он зиндаги ва кор менамоем. Бисёр дигар имондорон ба ноҳия ё кишвари худ маҳдуд мешаванд, гарчанде ҷои хидматгузории мо тамоми дунё бо гӯшаю канорҳояш мебошад (Аъмол 1:8). Ва танҳо вақте ки ҷаҳонбиниямон васеъ мегардад, мо метавонем вазифаамонро бо маънии томаш иҷро намоем.

1) Аз рӯи Суханони Исо вай бо шогирдонаш чӣ гуна муносибат менамояд? (Юҳанно 17:18, 20:21)

Дар Аъмол 8:4 дар кадом хидматгузорӣ имондорон ширкат меварзанд?

2) Павлус башоратро дар куҷо ваъз намуд? (Аъмол 17:17). Дар ҳар гӯшаи замин бояд башорат ва номи Исо эълон карда шавад. Ва ҳама корҳои рӯзмарраи мо аз душанбе сар карда то шанбе ин мадҳу ситоиш намудани Худованд мебошад. Ва вақте ки корҳои мо муносибати дурусти тарафайни мо бо Худоро ифода менамояд, онон хидматгузории зинда ба Ӯ мешаванд.

3) Исои Масеҳ ба шогирдон дар охири вақти хайрухуш чӣ ваъда дод? (Аъмол 1:8)

4) Рӯҳулқудс ба Барнабо ва Павлус чӣ кор кард? (Аъмол13:2-3)

Башорат бояд дар ҳама гӯшаи замин паҳн карда шавад. Алалхусус ҳозир, ки тамоми дунё ба қишлоқи ягона табдил меёбад, чунин имондороне лозиманд, ки дунёро ҳамчун калисои азизашон қабул намоянд.

Вохӯрии ёздаҳум

Мундариҷаи оятҳои муҳим

1.1. Исои марказшуда (Ғалотиён 2:20)
1.2. Исои марказшуда (Юҳанно 15:5)
2.1. Боварқ ба наҷот (1 Юҳанно 5:13)
2.2. Боварқ ба наҷот (Юҳанно 5:24)
3.1. Хусусиятҳои Худованд (Ваҳоеънома 29:11)
3.2. Хусусиятҳои Худованд (Забур 36:5-6)
4-1. Каломи Худованд (2 Тимотиюс 3:16)
4.2. Каломи Худованд (1 Петрус 2:2)
5.1. Ибодат (Юҳанно 15:7)

5.2. Ибодат (Филиппиён 4:6-7)
6.1. Муносибат (Румиён 12:4-9)
6.2. Муносибат (Румиён 13:34-35)
7.1. Воизӣ кардан (Румиён 1:16)
7.2. Воизӣ кардан (Петрус 3:15)
8.1. Ҳаёти аз Рӯҳулқудс пургашта (Эфсӯсиён 5:18)
8.2. Ҳаёти аз Рӯҳулқудс пургашта (Ғалотиён 5:22-23)
9.1. Ҳаёти бар санҷишҳо пирӯзомада (1 Қӯринтиён 10:13)
9.2. Ҳаёти бар санҷишҳо пирӯзомада (Яъқуб 1:14-15)
10-1. Ҳаёти дар итоатбуда (Румиён 12:1)
10-2. Ҳаёти дар итоатбуда (Луқо 9:23)
11-1. Ҳаёти дар хидматбуда 9 (1Петрус 2:9)
12.2. Ҳаёти дар хидматбуда (1 Қӯринтиён 3:9)

Вохӯрии ёздаҳум

**Барои оне,ки ин омӯзишро тамом кард**

Усулҳои тарбияи якка ба якка

Шумо бо Исо вохӯрда ва дар бораи Ӯ дониста истода, то ин ки шогирди Ӯ гардед, тайёририро гузаштед. Шумо на танҳо бо имон ба Исои Масеҳ ба наҷот боварӣ ҳосил намудед, балки ба воситаи Исои Масеҳ табиати Худоро дониста, ақидаи шумо ба дунё тағйир ёфт. Ин имонро асос карда, шумо Каломи Худовандро омӯхтед ва чӣ тавр ба воситаи ибодат бо Худо муносибат карданро ёд гирифтед.

Бо Исои Масеҳ дар як бадан шуда муҳимияти муносибат бо хоҳарону бародаронро аз як тараф дарк карда истода, мо дарк намудем, ки дар ин дунё бояд шоҳиди Исои Масеҳ гардем. Мо дар ҳаёти мунтазами имондор калиди бо Рӯҳулқудс пур гаштанро пайдо намуда сипас аз болои васвасаи шайтон пирӯзшавиро омӯхтем. Ва то ин ки шогирди Исо гардем, қарор додем, ки пурра ба Худо итоат намоем ва якҷоя дар корҳои Ӯ иштирок варзем.

Акнун шумо ҳамчун шогирди Худованд тайёрии ибтидоиро гузаштед. Дар оянда низ мунтазам омӯхтан лозим аст. Вале ҳоло Худованд мехоҳад хоҳиш намоед, ки шумо он чизи омӯхтаатонро ба дигар шахсони содиқ диҳед. (2Тимотиюс 2:2) Айнан чуноне ки шумо курси тайёриро гузаштед, Худованд мехоҳад, ки дигар одамонро низ ҳамин хел тайёр намоед. Албатта ин корро кардан барои шумо душвор

аст. Вале  агар шумо қудратеро, ки дар шумо амал мекунад, пайгирӣ намоед, аз ӯҳдаи ин кор мебароед. (Қӯлассиён 1:29)

Мураббиягиро ба воситаи васвасаи Библия якка ба якка ёд гиред. Он чиро ки пештар омӯхта будед, такрор намоед. Ва одамонеро таълим диҳед, ки ба Шумо бовар мекунанд.

Усулҳои таълими индивидуалӣ

ҳоло дар мамлакати мо шумораи одамоне, ки ба калисо барои шунидани ваъз меоянд, меафзоянд. Вале дар байни онҳо одамони каме хастанд, ки башоратро дуруст дарк намоянд ва Исои Масеҳро ҳамчун Худованди Худ қабул намоянд. Ба ғайр аз ин дар байни онҳое, ки қарор додаанд ба Исои Масеҳ бовар намоянд, тайёрии зарурӣ дидагиҳо каманд.

Профессор Билли Грем чунин меҳисобад, ки 5 фоизи ҳаёти масеҳӣ аз қарор вобаста асту 95 фоизи боқимондааш аз тарбия.

Чӣ тавре ки калисо ҷидду ҷаҳдашро ба паҳн кардани Инҷил сарф менамояд, ҳамин тавр имондор ҳам бояд ҷидду ҷаҳдашро сарфи нумӯи рӯҳониаш намояд.

1. Тарбия бо воситаи калисо.

Мақсади тарбияи масеҳӣ-то ба Исои Масеҳ ба камол расидан (Эфсӯсиён 4:15) ва рафти тарбия бошад ба воситаи коллективи калисо тавассути Калом мебошад. “**Аз Ӯ тамоми Бадан ба воситаи ҳар навъ пайвандҳои тақвияткунанда мустаҳкам ва пайваст шуда, бо амали ҳар андоми ҷудогона ба андозаи хоси он, афзоиш меёбад, то ин ки худро дар муҳаббат бино кунад”. (Эфсӯсиён 4:16)**

1) Тарбия дар маҷлисҳои калон.
2) Тарбия дар гурӯҳҳои начандон калон.
3) Тарбияи индивидуалӣ
2. Фаҳмиши асосии тарбияи индивидуалӣ.




1) Мураббӣ ин муаллим, лектор нест, вале ӯ бояд волидайни рӯҳонӣ бошад. (1 Қӯринтиён 4:5; Ғалотиён 4:19)

“**Волидайн”-**е, ки башоратро тавлид мекунад, метавонад мунтазам тарбия намояд. Ва тавассути башорат масеҳии аз нав тавлидшуда хам метавонад, тарбия намояд. Он вақт гуфтан мумкин аст, ки шумо ҳам волидони рӯҳонӣ гаштед.

2) Рафти тарбия –ин нафақат додани дониш, балки рафтест, монанди тарбияи фарзандон аз ҷониби волидон. (1Таслӯникиён 2:7-8,11; 1Петрус 2:2) То ин ки масеҳии комил гардед чор шарт лозим аст.

- ❖ Муҳаббати гарму ҷӯшон (1 Қӯринтиён 13:1-3)
- ❖ ғизои рӯҳӣ (Матто 4:4)
- ❖ Васигии бодиққат (Эфсӯсиён 6:10-12)
- ❖ Тайёрии ҷиддӣ (Матто 28:20; Ғалотиён 6:7)

3) Мақсади тарбия ин он нест, ки мураббӣ дорои шогирд гардад, балки Ӯро шогирди Исои Масеҳ гардонад ва дар Исои Масеҳ масеҳии комилро ба воя расонад. (Қӯлассиён 1:28) Ва барои ин мураббӣ бояд тарзе зиндагӣ намояд, ки он ба ҳаёти Исои Масеҳ монанд бошад. (1 Қӯринтиён 11:1)

4) Сарчашмаи тарбия лаёқати шахсӣ ва истеъдоди мураббӣ набуда, балки Рӯҳулқудси дар Ӯ амалкунанда мебошад. (Қӯлассиён 1:29).

3. Муҳимияти тарбияи индивидуалӣ.

1) Одами аз нав тавлидёфтаро ҳифз мекунад ва нумӯи ӯро таълим медиіад. (Айюб 39:13-16)

2) Имконияти рӯҳан аз нав тавлидёфтаро медиҳад.
(2 Тимотиюс 2:2)

3) ҳатто онҳое, ки истеъдоди муаллимӣ надоранд, метавонанд, таълим диҳанд. (Аъмол 18:4,26)

4. Омилҳои асосии ба маҳсулнокии тарбия таъсир мерасондагӣ .

1) Муносибат: муносибати ман бо Худо ва мураббӣ муҳимтар аз услубшиносии таълим мебошад.

2) Матонат: Набояд гузошт, ки тарбия ба як барномаи расмии вақту мӯҳлатдошта табдил ёбад.

Дар рафти шиддатноки ҳаёти муосир бояд бо матонат вақтро пайдо намуд. Барои ин ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.
“Оё ман рафти таълими индивидуалиро муҳим мешуморам?”
“Оё ман вақти вохӯрӣ бо бародарону хоҳаронро хушбахтиовар меҳисобам?”

3) Нигаронидан: Дар рафти тарбияи индивидуалӣ нисбат ба тарбия дар маҷлисхои калон, гурӯҳҳои начандон калон муҳим аст, ки диққат ба масеҳиёни ҳақиқӣ ва содиқ нигаронида шаванд.

4) Мӯҳлат: дар тарбияи индивидуалӣ роҳи тезу кӯтоҳ нест. Се сол (назди Исо), ду сол (назди Павлус) ва камаш шаш моҳ.

5) Муҳит: тарбияи индивидуалӣ на бояд ваъзу хидматгузории Худоро иваз намояд. Барои таълими дуруст албатта муҳити рӯҳонии калисо лозим аст.

5. Истифодабарии мавзӯҳои таълимӣ дар рафти тарбия.

1) Кӯтоҳакак мавзӯҳои ҳар як дарс ва хулосаи онро истифода бурдан мумкин аст.
2) Вобаста ба шогирд созишкор будан лозим аст. (1 Қӯринтиён 9:22-23)
3) Вазифаҳои хонагиро санҷидан ва душвориҳои ҳаётиро бо ҳам дидан лозим аст.

Гузориш

Азназаргузаронии барнома.

Муқарраркунии вазифа.

Рӯйхати маълумотдиҳандаи адабиёт.

Сарварӣ барои мураббиён.

Азназаргузаронии барнома

1) Хидматгузории коллективҳои миссионерӣ.

Аз соли 1960 коллективҳои миссионерии донишҷӯӣ хидматгузории худро бо маънои томаш аз майдонҳои донишгоҳҳо оғоз намудаанд. Ин гурӯҳҳои миссионерӣ нисбат ба хидматгузории анъанавӣ дар калисо қудрати худро ба хидматгузории нав равона карданд ва бо ин насими навро вориди калисои кореягӣ намуданд.

Махсусияти хидматгузории онҳо дар ин аст.

1) Онҳо бештар ба ваъзи индивидуалӣ такя менамоянд ва барои ин гуна фаъолият курсҳои тайёрӣ доранд. (Чор қонуни рӯҳонӣ, мисли “кӯпрук”, омӯзиши Библия бо мақсади воизӣ намудан)
2) Дар вақти ваъз гуфтан диққати имондорон ва шунавандаҳоро ба масъалаи боварии қатъӣ ба наҷот менигаронад.

3) Барои рушду нумӯи минбаъдаи имондор ҳар гуна барномаҳои таълимӣ тартиб дода шудаанд, ки яке аз онҳо таълими якка ба якка мебошад.
4) Агар дар калисои анъанавӣ ба бошандагони он шунидани ваъз ва хондани Библия одат шуда бошад, ин ҷо омӯзиши Библия (индивидуалӣ гурӯҳҳои начандон калон), азёд кардани оятҳои Библия, андеша дар болои Калом, гузаронидани "ибодати ҳаррӯза" (вақти иззату икром) муҳим аст ва бинобар ин ҳама диққат ба ин равона карда мешавад.

2. Мушкилиҳо дар фаъолияти коллективҳои миссионерӣ.

Ин коллективҳои миссионерӣ дар кори азнавсозии калисои кореягӣ саҳми босазое гузоштаанд. Вале дар баробари ин онҳо мушкилиҳои зиёдеро ба миён овsecurityанд. Бинобар ин байни онҳо ва дигар калисоҳо моҷароҳо бархостанд. Сабаб дар он аст, ки вақти хидматгузории онҳо баъзе лаҳзаҳои ҳалталаб мавҷуданд.

Гарчанде, ки васеъ кардани вазъи индивидуалӣ муҳим аст, вале як тамоил ҳаст, ки маҳсули инҷилкунонӣ ба калисо ворид намегардад ва ба башорати ваъзкардашуда нуқтаи назари масеҳӣ ба дунё кифоягӣ наменамояд.

1) Гарчанде, ки ба одамон додани боварии қатъӣ ба наҷот хуб аст, вале боз тамоилҳое ҳастанд, ки усулҳои тақлидкуниҳои наҷотро маҳдуд месозанд. Вобаста ба хислатҳои гурӯҳ тарафҳои софдилӣ, садоқат, ироданокӣ ва эҳсоснокии имон қайд карда мешавад.
2) Азбаски таълими якка ба якка ва дигар барномаҳои тайёрӣ ба ҷамъиятҳои калисоӣ на он қадар алоқаманданд, одамоне ки чунин тайёриро гузаштаанд, дар рафти корашон дар калисо ба душвориҳо рӯ ба рӯ меоянд.
3) қайд кардани муҳимияти омӯзиши Библия ва андешаронӣ (ибодати ҳаррӯза) муҳимияти воизӣ ба Худо хидматгузории якҷояро заиф мегардонад.

3. Барномаи тарбияи шогирдон дар калисо .

Чунин барномаҳо, тарафхои беҳтарини фаъолияти коллективҳои миссионериро истифода бурда, лаҳзаҳои мушкили онҳоро барҳам дода, мақсад мегузоранд, ки дар дохили калисо барномаи самарабахши таълиму тарбияро ҷорӣ намоянд.

1) Воизӣ намудан.

Ба одамоне, ки ба калисо меоянд, яку якбора тамоми Инҷил тарғиб карда намешавад, балки мунтазам вохӯрда истода, дар шаклӣ оддӣ (омӯзиши Инҷили Библия) Библия омӯхта мешавад.

Пас аз оне, ки шавқи онон нисбати калисо ташакул меёбад, диққат ба шахсияти Исои Масеҳ, сари калисо равона карда мешавад. Дар тӯли чор ҳафта шиносоии наздики онҳо бо Исои Масеҳ ба вуқӯъ мепайвандад. Ва дар охир, агар бошандаи калисо қарор медиҳад, ки ба Исои Масеҳ бовар кардан мумкин аст, Ӯро ба ҳайати калисои ноҳиявӣ ворид месозанд.

Эътиқод ба наҷот.

Эътиқод ба наҷот тавассути даҳ саволи ташхисӣ ташаккул меёбад. То ин ки тасаввуроти нодурустро вобаста ба эътиқод ба наҷот барҳам диҳем, нақши ҳиссиёт, ақл ва ирода ба имон ин ҷо мавқеъи баландро мегирад. Ва ҳамаи ин барои он карда мешавад, ки ягон гурӯҳ ё калисои ноҳиявӣ аз рӯи хости худаш ченак(маҳак)и наҷотро пешниҳод нанамояд.

2) ибодати ҳаррӯза

Одамоне, ки ба наҷот эътиқоди қатъӣ доранд ва муносибаташонро бо Худованд барқарор намудаанд, ҳамеша бахри муносибат бо Ӯ эҳтиёҷ доранд. Барои он ки мунтазам бо Худованд дар муносибат бошӣ, ҳатман ибодати ҳаррӯзаро иҷро кардан лозим аст.

3) Тарбияи якка ба якка.

Диққати ҷиддӣ ба рушду нумӯъи ҳар як одам равона карда мешавад, дар шогирдон муносибат бо калисо ҳамчун бадани Масеҳ, ки онҳо низ аъзоёни ҳайати он мебошанд, ташаккул меёбад, масъулияти иҷтимоии шогирдон, ки ин тайёриро гузаштаанд, таъкид карда мешавад.

4) Омӯзиши Библия.

ҳамчун чизи ягона воизӣ ва омӯзиши Библия шарҳ дода ва алоқаманд карда мешаванд, бештар диққат ба матнҳои асосии Библия равона карда мешавад, на ин ки ба сюжетҳои асосӣ, инчунин қайд карда мешавад, ки на танҳо фаҳмидани матнҳои Библия муҳим аст, балки онро ба вазъияти муосир ва эҳтиёҷоти ҳақиқии мавҷуда алоқаманд кардан лозим аст.

Рӯйхати адабиётҳои маълумотдиҳанда

Сарварӣ барои мураббиён

Шояд дар шумо бо имондорони нав муносибатҳои махсусу маънидоштае пайдо мегардад. Бо боварӣ метавон гуфт, ки Шумо худатон бештар дорои баракат мегардед, нисбати дигар одамоне, ки Шумо ононро меомӯзонед.

Мавзӯҳои таълимии “**Тарбияи якка ба якка”** асосан барои тарбияи масеҳиёни нав таъин гаштааст. Мо ҳамчун масеҳиёни итоаткор бояд чунин рафтор намоем.
Омода сохтани шогирдон

“Пас, биравед ва хамаи халқҳоро шогирд бисозед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таълим диҳед, ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро ки ба Шумо фармудам, ба ҷо оваранд: ва инак, Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳа стам” Омин (Матто 28:19,20)

Онҳоро одамоне кардан лозим, ки истеъдоди ба дигар одамон таълим доданро дошта бошанд.

“Ва он чиро, ки аз Ман дар ҳузури шоҳидони бисёр шунидаӣ, ба одамонӣ мӯътамаде бисупор, ки лаёқат дошта бошанд дигаронро низ таълим диҳанд” (2.Тимотиюс 2:2)

Ба шогирдон ёд додани он лозим аст, ки ба талаботҳои ҳаёти Исои Масеҳ идоракунанда, итоат намоянд. Он гоҳ онҳо метавонанд, шогирдони содиқро тарбия намоянд, шогирдон бошанд, дигаронро ва ҳамин тавр ин рафт мунтазам такрор меёбад.

Якчанд қоидаҳои асосӣ.

1. Барои як бор мавзӯи бисёр нагиред. Дар як вохӯрӣ як дарсро гиред.
2. Дар ибтидои ҳар як дарс диққати асосиро ба мундариҷаи “суққони киштӣ” равона кунед.
3. Эътиқод ба наҷот хеле муҳим аст. то оне ки шогирд дорои чунин эътиқод намегардад, якҷоя машғулият гузаронед ва ибодат намоед.
4. Бо таҳаммул ва зиракӣ эҳтиёҷоти рӯҳониро ҳис намоед. Лаёқати индивидуалии шогирдро ба ҳисоб гирифта ба пеш майл намоед. Як шогирд метавонад мавзӯро аз дигар шогирд беҳтару тезтар дар намуна аз худ намоянд.
5. Вақте, ки шогирд ба дарс ҳама вазифаҳоро тайёр карда меояд, албатта ӯро таъриф ва рӯҳбаланд намоед.
6. Муҳаббат ва диққат зоҳир намоед. Мушкилӣ ва талаботи ҳар як шогирдро бишнавед.
7. Такрор ва азёд намоед. ин калиди таълим аст.
8. Барои шогирдонатон дуо намоед. Таклифи якҷоя дуо намуданро намоед ва онҳоро рӯҳбаланд кунед.
9. Воизӣ карданро маҷбур намоед. Бигузор онҳо барои ононе воизӣ кунанд, ки вақтҳои охир ба калисо намеоянд, инчунин ба дӯстон ва шиносҳояшон.

10. Пас аз хатми таълим ба шогирдатон таклиф намоед, ки ин курсро ба дигар одам омӯзонад. Ин қарорро он вақте қабул намоед, ки шумо ба тайёр будани шогирдатон боварӣ дошта бошед.
11. То тамом шудани омӯзиш “**Сарварӣ барои мураббиён**”-ро нишон надиҳед.
12. Одамоне ҳастанд, ки мехоҳанд, курси тайёриро гузаранд, вале онро ҳеҷ тайёр карда наметавонанд, ҳатто маслиҳат карда истода ба вохӯрӣ омада наметавонанд. Дар ин сурат беҳтараш машғулиятҳоро он вақте сар кардан лозим, ки ӯ имконияти мувофиқ дошта бошад. Шумо, ки акнун озод ҳастед, метавонед, дигар шогирдони содиқро омода созед.
13. Дар ҳаёти масеҳӣ бисёр имкониятҳои хондан ҳаст. Ва то ин ки шогирдони шумо бетанаффус рушду камол ёбанд, ба онҳо таклиф намоед, ки дар хидматгузории калисо ширкат варзанд.

Усули истифодабарии нақшаи “суққонӣ киштӣ”

1. Дар дохили давраи калон давраи хурдеро кашед. Дар дохили давраи хурд нависед “**Ман**”, дар зери расм бошад - “**Такягоҳи ман, умеди ман”**

Ин давра одамро то оне ки масеҳӣ гашт нишон медиҳад.
“**Ман**” дар тахти шоҳии зиндагӣ, “**Ман**” дар марказӣ зиндагӣ.

Ман

2. Дар дохили давра боз як давраи дигар кашед. (Ин давраҳоро калонтар кашед). Дар давраи дохилӣ нависед “**МАСЕҲ”.** Дар зери расм нависед “**Иродаи Ӯ, Умеди Ӯ”**

“Ин давра одамеро нишон медиҳад, ки Исои Масеҳро қабул намудааст. Масеҳ дар тахти шоҳии зиндагист, Масеҳ дар маркази зиндагист. Мо ҳаётеро меомӯзем, ки дар маркази он Масеҳ аст”.

Масеҳ

3. Дар дохили давраи даруни боз як давраи дигар кашед, Ӯро ду ҳисса намоед ва дар қисми болоияш нависед, “**Эътиқод ба наҷот”**

“Акнун мо усулҳои дарки Исои Масеҳро, ки ба ҳаёти мо ворид мегардад ва собит месозад, ки мо фарзандони Худо ҳастем, меомӯзем”.

Эътиқод ба наҷот
Масеҳ
Хусусиятҳои Худо

4. Дар қисми поёнӣ нависед “**Хусусиятҳои Худо”**
5. Дар бораи мундариҷаи ҳашт дарси минбаъда нақл карда истода кашидани нақшаро анҷом диҳед. Мавзӯи ҳар як дарсро номбар карда истода, онҳоро дар нақша нависед.

а ) Библия.
Каломи Худованд.
Ибодат
Муносибат
Воизӣ намудан
Эътиқод ба наҷот
Хусусиятҳои Худованд

“Мо тавассути Библия Худовандро дарк намуда метавонем. Худованд ба мо ба воситаи Калом гап мезанад. Библия ин сарварикунандаи асосӣ дар ҳаёти масеҳӣ мебошад. Мо усулҳои омӯзиши Библияро дониста мегирем”

б ) Ибодат

“Мо бо Худованд ба воситаи ибодат сӯҳбат менамоем. Бо Худованд муносибат карда истода, бо ибодат ба Ӯ муроҷиат карда истода, мо бо Худованд алоқаи амӯдиро барқарор менамоем.”

в) Муносибат

“Вақте ки дар мо муносибати хуби амудӣ (вертикалӣ) бо Худованд барқарор карда мешавад, мо метавонем бо одамон муносибати хуб уфуқӣ (горизонталӣ) барқарор намоем.

Бо дигар имондорон мо бояд дар Исои Масеҳ ба якдигар нигоҳ карда истода ва байни якдигар муносибати накӯкорона дошта истода, муносибат намоем”

г ) Воизӣ намудан

"Мо бояд ба беимонон дар бораи Исои Масеҳ ваъз гӯем. То ин ки онҳо низ муносибати шахсӣ бо Худовандро  барқарор намоянд, мо усулҳои ваъзгӯиро хоҳем омӯхт"

д) Бо Рӯҳулқудс пур гаштан

"Мо хоҳем омӯхт, ки ҳаёти бо Рӯҳулқудс пур гашта чӣ гуна аст, чӣ тавр Рӯҳулқудс ҳаёти моро сарварӣ менамояд, чӣ тавр мо зиндагиеро паси сар менамоем, ки дар маркази он Исои Масеҳ аст"

с ) Озмоиш

"Нест одаме, ки дучори озмоиш нагашта бошад, вале Худованд моро наҷот медиҳад. Хоҳем омӯхт, ки Библия дар бораи муборизаи рӯҳонӣ чӣ мегӯяд"

ж) Итоаткорӣ

"Агар хоҳед, зиндагиеро паси сар намоед, ки дар маркази он Исои Масеҳ аст, ҳамаи он чизеро ки меомӯзед, бо итоат бояд қабул намуд"

з ) Хидматгузорӣ намудан

Агар мо итоат менамоем, Худованд моро ба хидматҳои нав сафарбар менамояд.

6. Дар берун боз як давраи дигар кашед ва нависед.

"Ҳаёте, ки Исои Масеҳ сарвариаш менамояд"
"Мо бояд Худовандро дарк намуда ба Ӯ итоат намоем ва дар ҳама лаҳзаҳои ҳаётӣ васиятҳои Ӯро пайгирӣ намоем. Он гоҳ дар маркази ҳаёти мо Исои Масеҳ ворид мегардад"

7. Дар суққони киштӣ **“даста”** кашед

**“Ин расми суққони киштӣ аст. Чи хеле ки штурман киштиро аз рӯи хати ҳаракат пеш мебарад, мо ҳам ҳамин тавр бояд сарварӣ карда ҳаётамонро ба Исои Масеҳ вогузор намоем. Мо меомӯзем, ҳаёте ки  дар маркази он Исои Масеҳ аст, чӣ маънӣ дорад”** (Оятҳои ба мавзӯи дарс алоқаманди Библияро омӯхта истода хоҳиш намоед, ки шогирдон ба дарси оянда барои тасвир намудану нақл кардани мавзӯи гузашта омода бошанд)

Раҳнамои методӣ барои гузаронидани ҳар як дарс.

Дарси 1: Эътиқод ба наҷот

(Давомнокии дарс:1,5-2 дарс)

1. Кӯшиш намоед, бо шогирдатон дӯст шавед. Дар сӯҳбат ошкор намоед, ки ӯ кай ва чӣ хел Исои Масеҳро донист.
2. Мақсади омӯхтани Библияро якка ба якка фаҳмонед. Нақшаи суққони киштиро, ки мазмуни ҳар як дарсро мекушояд дар бораи ҳаёте, ки дар маркази он Исои Масеҳ аст, ва ҳаёте, ки Ӯ онро сарварӣ менамояд, нақл мекунад кашед.
3. Усулҳоеро, ки барои талқин намудани он ки мо масеҳӣ ҳастем, равона карда шудаанд, муҳокима намоед ва ин муҳокимаҳоро ҷамъбаст кунед. Бесаросемагӣ, боақлона омӯзишро идома диҳед.
4. Агар шогирдатон ба наҷот ёфтанаш шубҳа мекунад, то вақти дар ӯ боварӣ пайдо гаштанаш, барои гузаронидани дарси якум вақти бештаре ҷудо намоед. Дар ин дарс ба се далели раднашавандаи дорои наҷот гаштан, диққат бояд равона карда шавад.
5. Агар барои ҷамъбасти дарси якум вақт камӣ  кунад, корро дар болои ин бори дигар идома диҳед. Агар дарси якумро тамом мекунед, пас онро ин тавр кунед:
6. Гӯед, ки шогирд барои ҳафтаи оянда, дарси 2 “**Хусусиятҳои Худованд”**-ро тайёр намояд. Мақсади супоришро фаҳмонед ва муҳимияти корро, ки ҳар рӯз бояд иҷро шавад, таъкид намоед. вале аз ҳама муҳимтар, якҷоя ибодат кардан, Библияро омӯхтан, бо Худованд дар муносибат будан, Ӯро амиқтар дарк намудан, мебошад.

7. Ташвишҳои шахсиатонро бо ҳам бинед, сӯҳбат намоед, кӯшиш кунед, ки барои муносибат бо якдигар вақти кофӣ ҷудо намоед.
8. Дарсро бо дуо тамом намоед. мавзӯи дуоро бо якдигар бинед, онҳоро дар нақшаи дуоҳо, ки дар охири китоб аст, нависед. Шогирди Шумо шояд надонад, ки чӣ тавр бо овози баланд дуо кардан мумкин аст.

Дар оянда дар давраи боқимонда омӯзиши ибодатро дар шакли сӯҳбат ба нақша дароред. (“**Нақшаи ибодат”-**ро тақсим кунед).

Дарси 2: Хусусиятҳои Худованд

1. Нуқтаҳои муҳими дарси 1-ро такрор кунед (15 дақиқа)
2. Аз шогирд хоҳиш намоед, ки “**суққони киштӣ”-**ро кашад ва маънии онро шарҳ диҳад.
3. ҳар як қисми вазифаи хонагиро бодиққат тафтиш ва муҳокима намоед. (1-1,5 соат)

(ҳамин тавр дар ҳар як дарс кунед.)

Усули кор дар болои супориши дарси 2.

1. Сараввал ба бобҳои хондашудаи 1,2,3,4-и Инҷили Матто савол гузоред. Чӣ ба ваҷд овард? Оё мундариҷаи онҳоро фаҳмидан мумкин аст. ҳар рӯз омӯхтани Библияро маслиҳат диҳед.
2. Дар рафти дарс “**суққони киштӣ**”-ро истифода бурда, сӯҳбат намоед.
3. Супоришро аз рӯи мавзӯи “**Хусусиятҳои Худованд”** муҳокима намоед.
4. Бигузор Нома ба Ғалотиён 2:20 ва Инҷили Юҳанно 15:5-ро такрор ва азёд намояд.
5. Пурсед, рӯзи ваъзи якшанбегӣ ӯ чиро дарк намуд.

4. Дар дарси 2 ба чӣ бояд диққат дод?

- ❖ Оё хусусиятҳои гуногуни Худованд фаҳмоанд.
- ❖ Бигузор, Библияро хонда истода Хусусиятҳои Худовандро тадқиқ намоед. Бигузор, дар амал Худовандро барои ҳама корҳояш ва барои он ки Ӯ ҳаст, мадҳу сипосгузорӣ намоед.

5. Возеҳу равшан супориш диҳед, кӣ чӣ тавр дарси сеюм “**Каломи Худованд”-**ро бояд тайёр намоянд. (15 дақиқа)

Дарси 3. Каломи Худованд

1. Нуқтаҳои муҳими дарси 2-ро такрор намоед (15 дақиқа)
2. Дар рафти дарс “**суққони киштӣ”-**ро истифода бурда сӯҳбат намоед.
3. ҳар як қисми вазифаи хонагиро бодиққат тафтиш ва муҳокима намоед. (1-1,5 соат)
4. Дар дарси 3 ба чӣ бояд диққат дод?

- ❖ Бигузор ваъзро бодиққат гӯш кунад ва онро нависад.
- ❖ Каломро истифода бурдан ва андеша рондан чӣ маъно дорад?
- ❖ Порчаеро аз Библия хонда ва тадқиқ карда истода барои андешаронӣ ба дарси 3 ду савол гузоред.
- ❖ Ин порча чӣ маънӣ дорад? Ӯ чӣ тавр ба ҳаёти ман таъсир мерасонад?

5. Ба дарси 4 “**Ибодат**” вазифаи хонагӣ диҳед: ҳар рӯз Инҷили Юҳанноро хондан: ду ҷавоб ба ду савол тайёр кардан; барои вақти алоҳида барои ибодат ҷудо кардан, маслиҳат диҳед (15 дақиқа)
6. Якҷоя ибодат намоед. (Мавзӯи имрӯз гузаштаро ба инобат гимрифта, мавзӯи дуоро пурра намоед)

Дарси 4. Ибодат

1. Нуктаҳои муҳими дарси серо такрор кунед.
2. Дар рафти дарс “**суққони киштӣ”-**ро истифода бурда, сӯҳбат намоед.
3. ҳар як қисми вазифаи хонагиро бодиққат тафтиш ва муҳокима намоед. (1-1,5 соат)
4. Ташвишҳои шахсиатонро бо ҳам бинед, сӯҳбат намоед ва кӯшиш кунед, ки барои муносибататон вақти кофӣ ҷудо намоед.
5. Дар дарси 4 ба чӣ бояд диққат равона карда шавад?

- ❖ Кӣ метавонад, ибодат намояд? Фаҳмидани ҳар як моддаи ҳар як боб ва дар ёд доштани суханони муҳим зарур аст.
- ❖ Дуоро дар шакли сӯҳбат азёд намоед.
- ❖ Дуоро аз рӯи Каломи Худованд азёд кунед.

6. Возеҳу равшан фаҳмонед, ки чӣ тавр супориши дарси 5 “**Муносибат**”-ро тайёр кардан лозим аст. (15 дақиқа)
7. Дар шакли сӯҳбат, ки дар мавзӯҳои дарс ҳаст, дар бораи дуо муҳокима намоед. якҷоя дар шакли сӯҳбат дуо намоед. (Нақшаи дуоро кушоед, мавзӯҳои дуо ва ҷавобҳои ба онҳо гирифташударо нависед)

Дарси 5. Муносибат

1. Нуктаҳои муҳими дарси 4-ро такрор кунед.
2. Дар рафти дарс "**суққонӣ киштӣ"-**ро истифода бурда, сӯҳбат намоед.
3. Ба он диққат диҳед, ки оё шогирд мундариҷаи дарсро мефаҳмад, бодиққат ҳар як қисми вазифаи хонагиро санҷеду муҳокима намоед. (1-1,5 соат)
4. Нисбати шогирд пуртоқат бошед ва ӯро фаҳмед. Ӯро рӯҳбаланд намоед.
5. Дар дарси 5 ба чӣ бояд диққат дод?

- ❖ Муҳимияти калисо ва ба Худо хидмат намуданро таъкид намоед.
- ❖ Пурсед, оё дар хидмати ихтиёрии калисои ноҳиявӣ иштирок менамоед? Агар иштирок менамоед, чӣ қадар муҳим будани аъзои калисо ва иштирок дар фаъолияти онро таъкид намоед.
- ❖ Агар дар фаъолияти калисои ноҳиявӣ иштирок намоӣ ва ба якдигар итоат намоӣ, он гоҳ оё як чизи бутун шудан мумкин аст.
- ❖ Мақсади асосии калисо аз чӣ иборат аст?

Аъзоёни "**калисо, ки бадани Масеҳ аст"** бояд ваъз гӯянд, монда нашуда, вазифаи Масеҳро оиди наҷот иҷро намоянд. Калисо бошад, ягона шуда истода бояд дӯст дорад ва ёрӣ диҳад. Танҳо ҳамин тавр одамонро дар рӯи замин наҷот додан мумкин аст.

6. Возеҳу равшан фаҳмонед, ки ба дарси 6 "**Воизӣ намудан**" чӣ гуна бояд тайёрӣ дид. (15дақиқа)
7. Китобчаи "**Чор қонуни рӯҳонӣ"-**ро диҳед.

Дарси 6. Воизӣ намудан

1. Нуқтаҳои муҳими дарси 5-ро такрор намоед. (15 дақиқа)
2. Дар рафти дарс "**суққони киштӣ**"-ро истифода бурда, сӯҳбат намоед.
3. ҳар як қисми вазифаи хонагиро бодиққат санҷед ва муҳокима намоед. (1-1,5 соат)
4. Кӯшиш намоед, ки "**мундариҷаи воизии якдақиқаина"-**ро баҳо диҳед.
5. Дар дарси 6 ба чӣ бояд диққат дод?

- ❖ Ваъз гуфтани “**Чор қонуни рӯҳонӣ”-**ро ёд гиред.
- ❖ Ба дигар одам додани “**мундаричаи вазъи якдақиқаина”-**ро ёд гиред.
- ❖ Воизии бомуваффақият чист? Муайянкунии дар ин китоб додашударо дар ёд нигоҳ доред.
- ❖ Ба ваъзгӯии шогирдатон майлу рағбати калон зоҳир намоед.

6. Ба дарси 7 “**Аз Рӯҳулқудс пур гаштан**” вазифаи хонагӣ диҳед. (15 дақиқа)
7. Якҷоя ибодат намоед.

Якҷоя бо шогирд нақшаи ин ҳафта ваъз гуфтанро тартиб диҳед.

Дарси 7. Аз Рӯҳулқудс пур гаштан

1. Нуктаҳои муҳими дарси 6-ро такрор кунед.
2. Дар рафти дарс “**суққонӣ киштӣ**”-ро истифода бурда, сӯҳбат намоед.
3. ҳар як қисми вазифаи хонагиро бодиққат санҷед ва муҳокима намоед. (1-1,5 соат)
4. Дар дарси 7 ба чӣ бояд диққат дод?

- ❖ Мақсади аз Рӯҳулқудс пур гаштан.
- ❖ Алоқаи байни аз Рӯҳулқудс пур гаштан ва ҳаёти имондор.

5. Ба фаҳмиши Рӯҳулқудс амиқ ғӯтида, аз ҳад нагузаред.
6. Ба дарси 8 “**Озмоиш**” вазифаи хонагӣ диҳед (15 дақиқа)
7. Якҷоя дар шакли сӯҳбат ибодат намоед. Мунтазам нақшаи ибодатро истифода баред. (ҳар рӯз барои шогирдатон дуо кунед)

Дарси 8. Озмоиш

1. Нуқтаҳои муҳими дарси 7-ро такрор намоед.
2. Дар рафти дарс “**суққони киштӣ**”-ро истифода бурда, сӯҳбат намоед.
3. ҳар як қисми вазифаи хонагиро бодиққат санҷед ва муҳокима намоед. (1-1,5 соат)
4. Дар дарси 8-ум ба чӣ бояд диққат дод?

- ❖ Роҳҳои озмоиш
- ❖ Хислати озмоиш
- ❖ Усули бартараф кардани озмоиш.

5. Ба дарси 9 "**Ҳаёти масеҳии дар итоат**" вазифаи хонагӣ диҳед.
6. Якҷоя ибодат намоед. Мавзӯҳои ибодат ва ҷавобҳои гирифтаро назорат намоед.

(Агар шогирди шумо барои дарс додани дигарон тайёр аст, пас дар ҳафтаи оянда дарси охирро тамом кардаистода, ба ӯ "**Сарварӣ барои мураббӣ"**-ро диҳед.

Дарси 9. Ҳаёти масеҳӣ дар итоат

1. Нуктаҳои муҳими дарси 8-ро такрор намоед.
2. Дар рафти дарс "**суққони киштӣ**"-ро истифода бурда истода сӯҳбат намоед.
3. ҳар як қисми вазифаи хонагиро бодиққат санҷед ва муҳокима намоед. (1-1,5 соат)
4. Дар дарси 9 ба чӣ бояд диққат дод?

❖ Чаро бояд итоат кард?
❖ Натиҷаи саркашӣ намудан.

5. Нуқтаҳои муҳими ҳама дарсҳои гузаштаро такрор кунед.
6. Оятҳои азёдкардаи Библияро такрор намоед.
7. Ба дарси 10 "**Хидматгузорӣ намудан**" вазифаи хонагӣ диҳед (15 дақиқа)
8. Барои ба шавқу ғайрат даровардани шогирд дар бораи зарурияти воизии индивидуалӣ ва тайёрии минбаъдаи инҷилӣ гап занед. (15 дақиқа)
9. Якҷоя ибодат намоед.

Дарси 10. Хидматгузорӣ намудан

1. Нуктаҳои муҳими дарси 9-ро такрор намоед.
2. Дар рафти дарс "**суққони киштӣ"-**ро истифода бурдаистода сӯҳбат намоед.
3. ҳар як қисми вазифаи хонагиро бодиққат санҷед ва муҳокима намоед (1-1,5 соат)
4. Дар дарси 10 ба чӣ бояд диққат дод?

❖ Чӣ лозим аст, то ин ки калисо ҳақиқат шавад?
❖ Чӣ хел одамон истеъдодҳои барои хидматгузорӣ лозимашонро ошкор менамоянд?

❖ Оё тайёрии иловагӣ муҳим аст.

5. Нуктаҳои муҳими ҳама дарсҳои гузаштаро такрор намоед.
6. Ба шогирд барои гузаштани тайёрии давраи минбаъда ёрӣ диҳед.
7. Ба шогирд таклиф кунед, ки ба таълими дигар одам сар кунад. Агар ӯ чунин одамро надорад, ба ӯ ном ва телефони одамеро диҳед, ки хоҳиши гузаштани ин курси таълимиро дорад. Кӯшиш намоед, ки ба ӯ ҳама ёрии лозимиро расонед. Ба ӯ "**Сарварӣ барои мураббӣ"**-ро диҳед.
8. Якҷоя ибодат намоед.

Нақшаи ибодат

"Худи ман низ, ҳошо ки ман ба ҳузури Худованд чунин гуноҳро ба худ раво бинам, ки барои шумо дуо гуфтанро тарк намоям, балки шуморо ба роҳи нек ва рост ҳидоят хоҳам кард" (1Подшоҳон 12:23)

Санаи рӯз. Мавзӯи ибодат. Санаи рӯз. ҷавоб.